# GUID 3920

## Раванди аудити самаранокӣ

Роҳнамоҳои INTOSAI аз ҷониби Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит (INTOSAI) дар чаҳорчӯби низоми ҳуҷҷатҳои касбии INTOSAI нашр мешаванд. Ҷиҳати дарёфти иттилооти иловагӣ аз веб-сомонаи www.issai.org боздид намоед.

Ҳуҷҷати муқаддамотии низоми ҳуҷҷатҳои касбии INTOSAI - ҳуҷҷати мазкур то таълиф намудани IFPP дар соли 2016 таҳия гардида буд. Бинобар ин, он метавонад аз лиҳози таъиноти шаклӣ аз принсипҳои пештар пешниҳодшудаи роҳбарикунандаи аудити INTOSAI тафовут дошта бошад.

INTOSAI, соли 2019

1) Ба сифати ISSAI 3200-принсипҳои роҳбарикунанда барои раванди аудити самаранок дар соли 2016 таъйид гардидааст.

2) Бо таълиф намудани низоми ҳуҷҷатҳои касбии INTOSAI (IFPP), ки аз нав бо тағйироти таҳририӣ дар соли 2019 ба GUID 3920 “Раванди аудити самаранок” номгузориӣ шуда буд.

GUID 3920 бо тамоми забонҳои расмии INTOSAI: арабӣ, англисӣ, франсузӣ, олмонӣ ва испанӣ дастрас аст.

МУНДАРИЧА

1. САРСУХАН 5

2. БАНАҚШАГИРӢ 7

ИНТИХОБИ МАВЗӮЪҲО БАРОИ МУҲОКИМА 8

ЛОИҲАКАШИИ АУДИТ 11

Идоракунии хавфҳои аудиторӣ 26

3. ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТ 30

Маълумотҳо 30

Натиҷаҳо ва хулосаҳо 36

Ноилшавӣ ба натиҷаҳои аудит 37

Муайян кардани сабабҳо ва оқибатҳои натиҷа 39

Таҳияи натиҷагириҳо баъд аз баррасии натиҷаҳои дарёфтшуда 41

Идоракунии хавфҳои аудиторӣ дар марҳалаи гузаронидани аудит 43

Ҳуҷҷатҳо дар марҳалаи гузаронидани аудит 44

Муҳокимаи натиҷаҳо ва хулосаҳои пешакӣ - дохилӣ ва берунӣ 44

4. ҲИСОБОТ 46

Мундариҷаи ҳисобот 47

Тавсияҳо 53

Ҳамкорӣ бо объекти аудит 56

Паҳнкунии ҳисобот 58

5. АМАЛИСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МИНБАЪДА 62

# 1

# САРСУХАН

1) Стандартҳо ва роҳнамоҳои касбӣ барои дурустӣ, сифат ва

корозмудагии аудити бахши давлатӣ муҳим мебошанд. “*ISSAI 100 Принсипҳои бунёдии аудит дар бахши давлатӣ”, ба ғайри дигар мавридҳо, таъиноту ваколатҳои* ISSAI ва ҳамчунин низоми аудити бахши давлатиро муайян мекунанд. *ISSAI 300 - “Принсипҳои бунёдии аудити самаранокӣ”* принсипҳои бунёдии ISSAI 100-ро тибқи матни махсуси аудити самаранок сохта, минбаъд ҳам онро рушд медиҳанд.

2) ISSAI 3000-ин стандарти аудити самаранок аст, ки бояд якҷоя бо ISSAI 100 ва ISSAI 300 мутолиа ва фаҳмида шавад. Дар он талаботҳо нисбати амалияи касбии аудити самаранок ва ҳамчунин шарҳу тавзеҳҳои зарурӣ барои боло бурдани возеҳӣ ва хоноии стандарт ҷой дода шудаанд. ISSAI 3000 стандарти мақбули умум барои аудити самаранок аст, бинобар ин ҳар як талабот бояд иҷро гардад, агар МОА барои қабул намудани он тасмим гирад.

3) Барои ҳар як талаботи қайдшуда дар ISSAI 3000 принсипҳои кумакии ғайриҳатмии роҳбарикунанда дар *"GUID 3910 Консепсияҳои асосии аудити самаранок” ва дар "GUID 3920 Раванди аудити самаранок” ҷой дода шудаанд.*

4) GUID 3920 барои он пешбинӣ шудааст, ки ба аудитор дар тафсир намудани талаботҳои қайдшуда дар ISSAI 3000 кумак карда шавад ва оиди иҷро намудани ин талаботҳо ва тарзи татбиқи мулоҳизаи касбӣ маслиҳатҳо пешниҳод гардад.

5) Ин роҳнамо мутобиқи марҳалаҳои гуногуни аудити самаранок сохторсозӣ шудааст. Фасли якум ба банақшагирии аудит дахл дорад - мавзӯъҳои аудит чӣ гуна бояд интихоб шаванд ва аудит чӣ гуна бояд таҳия гардад. Фасли дуюм ба гузаронидани аудит бо мақсади дарёфт намудани далелҳои кифоякунанда ва лозима, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои аудитро таъйид мекунанд, дахл дорад. Фасли сеюм ба ҳисобот - формати ҳисобот, мундариҷаи ҳисобот ва паҳнкунии он дахл дорад. Фасли чаҳорум, бо мақсади муайян кардан ва ҳуҷҷатнок намудани натиҷаҳои аудит ва пешрафти ба даст омада дар ҳаллу фасли ин масъалаҳо, ба чораву тадбирҳои минбаъдаи вобаста ба натиҷаҳо ва тавсияҳои пешина, ки дар ҳисобот оиди аудити самаранок ҷой дода шудаанд, дахл дорад.




6) GUID 3910 ва GUID 3920 бояд ба ҳам мутолиа шаванд, то ки амиқтар фаҳмида шавад, ки консепсияҳои асосӣ дар давоми тамоми раванди аудит чӣ гуна мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

# 2

## БАНАҚШАГИРӢ




7) Дар ин фасл талаботҳо ва тавсияҳо оиди банақшагирии аудит ҷой дода шудаанд. Ҳадафи ин талаботҳо аз он иборат аст, ки муносибати умумие, ки аудитор онро ҳангоми банақшагирии аудити самаранок бояд татбиқ намояд, муқаррар карда шавад. Ин фасл аз ду қисмати асосӣ иборат аст. Қисмати якум ба интихоб бахшида шуда, дар навбати аввал ба раванди банақшагирии стратегии МОА дахл дорад. Қисмати дуюми фасли банақшагирӣ ба таҳияи алоҳидаи ҳар як аудит дахл дорад, ки дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона шудааст, ки чӣ бояд баррасӣ гардад, кадом меъёрҳо бояд татбиқ гарданд ва кадом тарзу равишҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо бояд мавриди истифода қарор гирад.

## ИНТИХОБИ МАВЗӮЪҲО

**Талаботҳо тибқи ISSAI 3000:**

Аудитор бояд мавзӯъҳои аудитро дар чаҳорчӯби раванди банақшагирии стратегии МОА бо роҳи таҳлил намудани мавзӯъҳои эҳтимолӣ ва анҷом додани таҳқиқ барои муайян намудани хавфҳо ва масъалаҳо интихоб намояд. (ISSAI 3000/89).

Аудитор бояд он мавзӯъҳоеро интихоб намояд, ки муҳим ва аудитшаванда буда, бо мандати МОА мутобиқат доранд (ISSAI 3000/90).

Аудитор бояд раванди интихоби мавзӯъҳои аудитро бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани таъсири интизории аудит зимни ҳамзамон дар назар гирифтани имконоти аудиторӣ анҷом диҳад (ISSAI 3000/91).

## РОҲНАМО

***Интихоби мавзӯи аудит дар чаҳорчӯби раванди банақшагирии стратегӣ***

8) Муайян кардани он, ки кадом аудитҳо гузаронида мешаванд, қисмати раванди банақшагирии стратегии МОА мебошад. Стратегияи МОА самти асосии кори МОА ва аз ин рӯ вазифаҳои онро оиди аудити самаранок таъмин менамояд. Ин стратегия маъмулан кори чандинсоларо фаро гирифта, барои аудитор дар интихоби мавзӯъҳо ё барномаҳои аудит ҳамчун роҳнамо ба кор бурда мешавад. Агарчанде миқдори мавзӯъҳо ва барномаҳои эҳтимолӣ одатан зиёд бошад ҳам, имкониятҳои МОА маъмулан маҳдуд ҳастанд.
Бинобар ин, тасмимҳо оид ба интихоб намудани аудиторҳо бояд бо диққати том гирифта шаванд.

9) Раванди банақшагирии стратегӣ, маъмулан, ба таҳияи барномаи аудити амалиётӣ барои МОА оварда мерасонад, ки он як ё чандин солро фаро мегирад. Бо дарназардошти хусусиятҳои чараёни инкишофи бахши давлатӣ ва афзалиятҳои ивазшавандаи сиёсати давлатӣ, тавсия мешавад, ки барномаи аудити амалиётӣ ҳар сол аз нав дида баромада шавад.

10) Баъзе МОА метавонанд мавзӯъҳоеро интихоб намоянд, ки бар мулоҳизаҳои стратегии марбут ба навъи аудити самаранок ва ислоҳот дар бахши давлатӣ асос ёфтаанд. Яке аз вариантҳои эҳтимолии стратегӣ аз он иборат аст, ки бо тамаркузи диққат ба аудити барномаҳои давлатии дорои масъалаҳои зиёди самаранок ҳиссаи худ ба азнавсозии идоракунии давлатӣ гузошта шавад. Дигар МОА метавонанд мавзӯъҳоро дар асоси дигар меъёрҳои интихоб, масалан навъи мушаххаси аудити фаъолияти бахши давлатӣ, ба монанди бахши беморхонаҳо ё лоиҳаҳои нисбатан калонтари сармоягузорӣ, интихоб намоянд. Интихоби гузинавӣ ё алтернативӣ

метавонад аз он иборат бошад, ки таваҷҷуҳ танҳо бар аудити муассисаҳои алоҳидаи давлатӣ ва фаъолияти онҳо барои ноилшавӣ ба ҳадафҳо ва масъалаҳо оиди сарфанокӣ, самаранок ва натиҷанокӣ тамаркуз дода шавад.

11) Барномаи аудити амалиётии МОА барои банақшагирии амалиётӣ ва тақсимкунии захираҳо ҳамчун асос ба кор бурда хоҳад шуд. Дар нақша метавонад соҳаҳои аудит номбар карда шуда, ҳисоботи кӯтоҳ оиди масъалаҳои эҳтимолӣ, саволҳо ва дигар далелҳо, ки ҳар кадоми онҳоро таъйид менамоянд, дода шавад. Равиши интихоби мавзӯъҳои аудит, ки ба барномаи аудит дохил карда мешаванд, метавонад гуногун бошад. Дар баъзе МОА равиши "аз ҷузъӣ ба умумӣ" истифода мешавад, ки дар он аудитор дар раванди интихоб иштирок менамояд. Дигар МОА равиши "аз умумӣ ба ҷузъӣ"-ро интихоб мекунанд, ки дар он роҳбарият мавзӯъҳоро интихоб менамояд, аудитор бошад дар раванди интихоб ширкат намеварзад. Баъзе МОА бо ҳам пайвастани ҳар ду равишро мавриди истифода қарор медиҳанд.

***Арзёбии мавзӯъҳои эҳтимолии аудит аз нуқтаи назари хавфҳо, аҳамиятнокӣ ва масъалаҳои ошкоршуда***

12) Интихоби мавзӯъҳои аудит метавонад бо арзёбии хавф, таҳлили масъалаҳо ва дарназаргирии аҳамиятнокӣ вобастагӣ дошта бошад. Хавфҳо - ин эҳтимолият ва таъсири ҳодисае аст, ки мумкин аст бар ноилшавӣ ба ҳадафҳои созмон таъсир гузорад. Аҳамиятнокӣ на танҳо ба масъалаҳои молиявӣ, балки иҷтимоӣ ва/ё сиёсӣ, ба монанди теъдоди одамони таҳти қонун ва ислоҳот қароргирифта, шаффофият ва идоракунии нек дахл дорад.

13) Ҳангоми гузаронидани аудит ҳавфҳо метавонанд бо соҳаҳои самарбахшии эҳтимолии поин, ки ба шаҳрвандон дахл доранд ё ба гурӯҳи зиёди шаҳрвандон таъсир мегузоранд, вобастагӣ дошта бошад. Захирашавии чунин нишондодҳо ё омилҳои марбут ба созмон ё барномаи давлатӣ, метавонад барои аудитор ҳамчун аломати муҳим ба кор равад ва ӯро водор созад, ки аудитро дар асоси хавфҳо ё масъалаҳои ошкоршуда ба нақша гирад. Омилҳое, ки метавонанд ба хавфи нисбатан боло ишора кунанд, инҳоанд:

a) Маблағҳои молиявӣ ё буҷетӣ, ки бениҳоят зиёданд, ё тағйироти хеле муҳим дар буҷет.

b) Соҳаҳое, ки маъмулан таҳти хавф қарор доранд (масалан, низомҳои технологияҳои иттилоотӣ, харидҳо, технологияҳо, масъалаҳои экологӣ ва тандурустӣ);

c) Навъҳои нав ё фаврии фаъолият ё ҳангоми тағйирёбии шартҳо

(масалан, талаботҳо ва эҳтиёҷоту ниёзмандиҳо).

d) Сохторҳои идоракуние, ки мураккаб ҳастанд, бо печдарпечии эҳтимолӣ дар ухдадориҳо.

e) Мавҷуд набудани иттилооти дуруст, мустақил ва навсозишуда оиди сарфанокӣ, самаранок ва натиҷабахшии барномаи давлатӣ.

14) Ҳангоми таҳлили мавзӯъҳои эҳтимолӣ бояд зарурати ба ҳадди аксар расонидани самари интизорӣ аз аудит дар назар гирифта шавад. Ҳангоми таҳлили мавзӯъҳои эҳтимолӣ ва анҷом додани таҳқиқот ҷиҳати ошкор намудани хавфҳо ва масъалаҳо ба аудитор тавсия мешавад, ки мавридҳои зеринро дар назар гирад:

a) Хавф барои самаранок аз нуқтаи назари сарфанокӣ, самаранок ва натиҷанокӣ ё эътимоди ҷомеа чӣ қадаре, ки боло бошад, масъалаҳо ҳамон қадар муҳим хоҳанд шуд.

b) Арзиши иловагӣ - ин пешниҳод намудани донишҳои нав ва дурнамоҳо аст. Арзиши болотари иловагӣ аксаран метавонад аз ҳисоби аудити соҳаҳои сиёсат ё соҳаҳое, ки қаблан бо аудит фаро гирифта нашуда буданд ё дигар таҳлилҳо ба даст оварда шавад.

***Интихоби мавзӯъҳои санҷидашавандаи аудит***

15) Арзёбии аудитшавандагӣ ҳангоми интихоби мавзӯи аудит талаботи муҳим мебошад. Дар ин марҳала муайян кардани он, ки ин ё он мавзӯъ қобили санҷиш ё не, ба он вобаста аст, ки оё мавзӯъҳои аудит таҳти мандати МОА қарор мегиранд ё не ва оё МОА барои гузаронидани аудит дорои имконоти аудиторӣ мебошад ё не. Ҳангоми таҳияи аудит бояд бори дигар муфассалтар имкони мавҷудияти шароит барои гузаронидани аудит баррасӣ гардад (ниг. фасл дар бораи Таҳияи аудит дар поин).

# ЛОИҲАКАШИИ АУДИТ

**Талабот тибқи ISSAI 3000:**

Аудитор бояд аудитро тарзе ба нақша гирад, ки ба аудити баландсифат, ки ба тарзи сарфаҷӯёна, самарбахш, натиҷабахш ва саривақтӣ мутобиқи принсипҳои идоракунии лозимаи лоиҳавӣ гузаронида мешавад, мусоидат намояд.
(ISSAI 3000/96).

Аудитор бояд донишҳои мавзӯӣ ва методологияро дар марҳалаи банақшагирӣ ба даст оварад. (ISSAI 3000/98).

Аудитор бояд ба таври кифоякунанда ҳадаф (ҳадафҳои) аудитро шарҳу эзоҳ диҳад, то ки ба таври возеҳу равшан саволҳоеро, ки ба онҳо посух дода мешавад, тартиб диҳад ва рушди мантиқии таҳияи аудитро таъмин намояд. (ISSAI 3000/36).

Агар ҳадаф (ҳадафҳои) аудит ба шакли саволҳои аудит тартиб дода шуда, ба зерсаволҳо тақсим шуда бошанд, он гоҳ аудитор бояд саъю кӯшиш бар он кунад, ки ин саволҳо аз лиҳози мавзӯъ ба ҳам пайвасту алоқаманд бошанд, ҳамдигарро пурра кунанд, якдигарро бурида нагузаранд ва дар кулл ҳангоми ҳаллу фасл намудани саволи умумии таҳқиқот комилу пурра бошанд. (ISSAI 3000/37).

Ҳангоми банақшагирӣ аудитор бояд тартибу қоидаҳоеро, ки барои ҷамъоварии маълумотҳои кифоякунандаи лозимаи аудитории мутобиқ бо ҳадаф (ҳадафҳои) аудит истифода хоҳанд шуд, таҳия намояд. (ISSAI 3000/101).

Аудитор бояд барномаи аудитро барои тасдиқ ба муфаттиши оид ба аудит ва роҳбарияти олии МОА пешниҳод намояд. (ISSAI 3000/104).

Аудитор бояд фаъолона хавфи аудиториро идора намояд, то ки аз дарёфти натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои нодуруст ё нопурра, пешниҳоди иттилооти номутаносиб ё надоштани арзиши иловагӣ ҷилавгирӣ шавад. (ISSAI 3000/52).

**РОҲНАМО**

16) Баъд аз он, ки МОА мавзӯи аудитро интихоб мекунад, аудитор бояд аудити мушаххасеро таҳия намояд. Аудитор бояд аудитро чунон ба нақша гирад, ки ба аудити баландсифат, ки ба таври сарфаҷӯёна, самарбахш, натиҷабахш ва саривақтӣ мутобиқи принсипҳои идоракунии лозимаи банақшагирӣ гузаронида хоҳад шуд, мусоидат намояд. Тарҳи хуб мулоҳизашуда маъмулан ҳангоми гузаронидани аудити самаранок

ивазнопазир аст. Ин кори муқаддамотӣ аксаран таҳқиқоти қаблӣ номида мешавад.

17) Ҳадаф аз марҳалаи таҳияи аудит дар он аст, ки муқаррар карда шавад, ки оё барои гузаронидани аудит шароит вуҷуд дорад ё не, агар вуҷуд дошта бошад, он гоҳ бояд пешниҳод оиди аудит бо нақшаи кор ва лоиҳаи таҳқиқот омода карда шавад.

18) Марҳалаи таҳияи аудит маъмулан дар давраи хеле кӯтоҳи замонӣ анҷом мегирад. Таҳияи мавзӯи мушаххас метавонад дар муддати камтар аз як моҳ анҷом дода шавад, дар ҳоле, ки мавзӯи васеътар одатан метавонад дар муддати се моҳ анҷом дода шавад. Маъмулан, қисмати зиёди вақти барои аудит ҷудокардашуда бояд то анҷом додани он истифода шавад.

19) Ҳангоми таҳия намудани аудит ба аудитор тавсия дода мешавад, ки ниёзмандиҳо ва манфиатҳои истифодабарандагони асосии эҳтимолӣ, аз он ҷумла ҷонибҳои масъул, дар назар гирифта шавад. Ниёзмандиҳо ва манфиатҳои истифодабарандагон метавонанд ба интихоби ҳадафҳои аудит ва навъҳои таҳлил, ки тавассути гурӯҳи аудиторӣ анҷом мегирад, таъсир гузорад. Дар ниҳояти кор, бо дарназардошти ниёзмандиҳо ва манфиатҳои истифодабарандагони асосии эҳтимолӣ аудитор метавонад муфиду судманд ва фаҳмову возеҳ будани аудитро таъмин намояд.

Аммо муҳим он аст, ки аудитор мустақил боқӣ монда, таваҷҷуҳи худро рӯи нақши асосии аудитори бахши давлатӣ, ки ба манфиатҳои шаҳрвандон амал мекунад, тамаркуз диҳад. Марҳалаи таҳияи аудит бояд унсурҳоеро, ки дар блоки поён қайд карда шудаанд, дар бар гирад.

**Блоки 1**

Унсурҳо дар марҳалаи таҳиякунӣ:

a) Арзёбии мавҷудияти шароит барои гузаронидани аудит

b) Фаҳмидани он, ки чӣ санҷида мешавад

c) Муайян кардани ҳадаф (ҳадафҳо) ва саволҳои аудит

d) Муайян кардани соҳаи фарогирии аудит

e) Муайян кардани меъёрҳои аудит

f) Интихоби равишҳои ҷамъоварии маълумотҳои аудиторӣ

g) Идоракунии хуби лоиҳа ва ҳамчунин баррасӣ ва тасдиқ намудани нақша аз ҷониби роҳбарияти МОА

- Идоракунии хавфҳои аудиторӣ
- Иртибот дар марҳалаи банақшагирӣ

***Арзёбии мавҷудияти шароит барои гузаронидани аудит***

20) Арзёбии мавҷудияти шароит барои гузаронидани аудит дар раванди таҳиякунӣ талаботи муҳим мебошад. Аудитор бояд тасмим бигирад, ки оё гузаронидани аудит бамаврид ва аз лиҳози иқтисодӣ самарбахш ҳаст ё не. Аудитор, эҳтимолан, бояд саволеро баррасӣ кунад, ки масалан, оё ягон навъ меъёрҳое вуҷуд доранд ё не ва оё эҳтимолияти мавҷудияти иттилоот ё маълумоти зарурӣ вуҷуд дорад ё не. Ҳатто агар мавзӯи интихобшуда бо стратегияи МОА мутобиқат дошта бошад ҳам, аудитор дар марҳалаи таҳиякунӣ метавонад мушоҳида намояд, ки масъалаи интизорӣ аллакай тавассути объекти аудит ҳаллу фасл шуда истодааст. Таҳқиқоти мушобеҳ, ки ҳадафҳои монандро фаро мегиранд, шояд аллакай тавассути дигар муассисаҳо анҷом шуда бошанд, ё ки меъёрҳои дахлдор вуҷуд надоранд ва барои таҳияи меъёрҳои аудит асоси оқилона вуҷуд надорад. Сабаби дигар метавонад дар он бошад, ки иттилоот ё маълумоти зарурӣ ба гумон аст, ки қобили дастрасӣ шавад ва наметавонад ба таври самарбахш ба даст оварда шаванд. Аз тарафи дигар, набудани иттилоот ва маълумот метавонад натиҷаи муҳим ва мавзӯи худи аудит бошад ва набояд барои аудитор ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти баъдӣ монеа эҷод кунад. Дар чунин ҳолатҳо муҳим он аст, ки аудитор ба роҳбарияти МОА дар бораи ин масъалаҳо иттилоъ диҳад, то ки ин мақомот тасмим гирад, ки кор давом дода шавад ё не.

***Фаҳмидани он, ки чӣ санҷида мешавад***

21) Ҳадаф дар аввали марҳалаи банақшагирӣ аз он иборат аст, ки фаҳмиши возеҳу равшани мавзӯъ (“чӣ санҷида мешавад”) ва ҳамчунин хавфҳо ва масъалаҳо дар ин соҳа ҳосил гардад. Аудити самаранок - ин раванди таҳқиқ аст. Дарёфти донишҳои зарурӣ - ин раванди бефосилаю пай дар пай ва афзояндаи ҷамъоварӣ ва арзёбии иттилоот дар тамоми марҳалаҳои аудит мебошад. Бинобар ин, эҳтимолан, ҳамон лаҳзае, ки мавзӯи аудит интихоб карда мешавад, зарурати ҷамъоварии иттилооти иловагӣ ва санҷидани фарзияҳои аввалӣ дар марҳалаҳои таҳиякунӣ ба миён хоҳад омад. Ин иттилоот ба аудитор барои муайян кардани равиши аз ҳама муносибтар барои гузаронидани аудит кумак хоҳад кард. Муҳим он аст, ки аудитор хароҷоти дарёфти иттилоотро бо арзиши иловагии ин иттилоот барои аудит муқоиса кунад. Иттилооте, ки дар марҳалаи банақшагирӣ ҷамъоварӣ шудааст, метавонад ба зарурати ислоҳ намудани он мавриде, ки бояд таҳти аудит қарор гирад, оварда расонад.

22) Манбаъҳои иттилоот барои фаҳмидани он, ки чӣ санҷида мешавад, метавонанд мавридҳои зеринро дар бар гиранд:

a) қонунгузории ваколатдиҳанда ва маърӯзаҳои қонунгузорӣ

b) изҳороти вазирон, ҳуҷҷатҳо ва қарорҳои давлатӣ

c) мушаххасот ва намуди хавфҳои объекти аудит

d) охирин ҳисоботҳои аудитории, ҳуҷҷатҳои кории дигар аудиторон, шарҳҳои мухтасар, арзёбиҳо ва дархостҳо

e) таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ (аз он ҷумла аз кишварҳои хориҷӣ)

f) нақшаҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегӣ, ҳисоботҳои солона

g) буҷетҳои ҷорӣ ва миёнамуддат

h) файлҳои сиёсӣ ва ҳамчунин протоколҳои маҷлисҳо ва кумитаи идоракунӣ

i) тарҳҳои созмонӣ, дастуруламалҳои дохилӣ ва роҳнамоҳо оид ба истифодаю баҳрабардорӣ

j) нақшаҳо ва маърӯзаҳо оид ба арзёбии барномаҳо ва аудити дохилӣ

k) нуқтаҳои назари экспертҳо дар ин соҳа

l) муҳокимаҳо бо объекти аудит ва ҷонибҳои манфиатдори калидӣ

m) низомҳои иттилооти идоракунӣ ё дигар низомҳои дахлдори иттилоотӣ

n) омори расмӣ

o) ҳисоботҳо аз дигар МОА

p) шарҳу тафсири ҳодисаҳо дар матбуот.

23) Арзёбиҳо ва аудитҳои гузашта аксаран манбаи муфиди иттилоот мебошанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки аз кори нолозиму зиёдатӣ оиди таҳқиқоти соҳаҳое, ки ба наздикӣ таҳти баррасии дақиқ қарор гирифта буданд, ҷилавгирӣ шавад ва камбуду норасоиҳое, ки ҳанӯз бартараф нагардидаанд, ошкор карда шаванд.

***Муайян кардани ҳадаф (ҳадафҳо) ва саволҳои аудит***

24) Аудитор бояд ба таври возеҳу равшан ҳадаф (ҳадафҳо)-и аудитро, ки ба принсипҳои сарфанокӣ, самаранок ва натиҷанокӣ дахл доранд, муқарар намояд (ниг. ISSAI 3000/37). Ҳадаф (ҳадафҳо) равиш ва сохтори аудитро муайян мекунанд.

25) Ҳадаф (ҳадафҳои) аудитро метавон ҳамчун саволи умумии аудит оиди мавзӯи таҳқиқот (масалан, барнома ё фаъолияти давлатӣ), ки аудитор посухи онро меҷӯяд, баррасӣ намуд. Бинобар ин ҳадафи аудит бояд тарзе шарҳу тавзеҳ ва тартиб дода шавад, ки аз он хулосаи ба таври равшану дақиқ ифодашуда бароварда шавад. Ҳадаф (ҳадафҳои) аудит метавонад ба шакли як саволи умумии аудит, ки баъдан ба зерсаволҳои муфассалтар/мушаххас тақсим карда мешавад, ифода гардад.

26) Ҳадафи аудит аксаран бар дурнамои умумӣ, яъне бар дурнамои “аз умумӣ ба ҷузъӣ” асос меёбад. Ин ҳадаф асосан бар талаботҳо, азму ниятҳо, ҳадафҳо ва интизориҳои ҳокимияти қонунгузор ва ҳукумати марказӣ мутамарказ мешавад. Аммо метавон дурнамои ба муштарӣ нигарондашуда, тамаркуз ба идоракунии хизматрасониҳо, замони интизорӣ ва дигар саволҳои марбут ба шаҳрвандон ё истифобарандагони ҷалбгардидаро низ илова намуд.

27) Ҳадаф (ҳадафҳои) аудите, ки тавассути аудитори самаранок баррасӣ мешавад, набояд ҳатман танҳо бар равиши аудитории гузаштанигарона (анҷомдодашуда) такя кунад. Аудитор метавонад таҳқиқоти барномаҳои ҷориро анҷом диҳад, масалан, барои омӯхтани сатҳи ноилшавӣ ба ҳадафҳо ё барои арзёбии пешрафти ба даст омада.

28) Муҳим он аст, ки ҳадаф (ҳадафҳои) аудит бар мулоҳизаҳои оқилона ва холисона такя кунанд. Ҳангоми муайян кардани ҳадаф (ҳадафҳои) аудит аудитор бояд муқаррар намояд, ки бештарини масъалаҳо ё хавфҳо дар куҷо ҷой доранд ва дар куҷо аудит метавонад фоидаи бештаринро ба даст оварад. Барои муайян кардани ҳадафҳои дахлдори аудит аудитор метавонад бо ҷонибҳои асосии манфиатдор ва экспертҳо мусоҳибаҳо анҷом дода, масъалаҳои эҳтимолиро аз нуқтаҳои назари гуногун мавриди таҳлил қарор диҳад.

29) Ҳадаф (ҳадафҳои) аудит бояд ба объекти аудит ва дигар ҷонибҳои манфиатдор иттилооти кифоякунанда оиди самти аудитро пешниҳод намоянд. Ҳадафҳои аудите, ки хуб шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ба як объекти аудит ё ба гурӯҳи муайяни корхонаҳои ҳукуматӣ, низомҳо, равандҳо, барномахо, амалҳо ё созмонҳо дахл доранд.

30) Тавсифи ҳар чӣ соддаи ҳадаф (ҳадафҳои) аудит амалияи хуб аст. Ҳар чӣ дақиқ ва кӯтоҳу мухтасар нишон додани ҳадаф (ҳадафҳои) аудит имкон медиҳад, ки аз анҷом додани кори аудитории нолозим ё аз ҳад зиёд баландпарвозона тавассути гурӯҳи аудиторӣ ҷилавгирӣ шавад. Ба аудитор тавсия мешавад, ки аз гузоштани ҳадафҳои зиёд, вақте, ки зиёда аз як саволи асосӣ гузошта мешавад, пешгирӣ шавад, то ки имкони баровардани хулосаю натиҷагириҳои дақику возеҳ фароҳам гардад (ниг. “Соҳаи аудит” дар поин).

***Тартиб додани саволҳои аудит***

31) Барои аудитор тартиб додани саволҳои аудит, ки ба ҳадаф (ҳадафҳои) аудит дахл доранд, амалияи хуб аст. Ин имкон медиҳад, ки аудит муайян карда шуда, сохторсозӣ шавад.

32) Муҳим он аст, ки саволҳои аудит аз лиҳози мавзӯъ бо ҳам алоқаманд бошанд, ҳамдигарро пурра карда, якдигарро такрор накунанд ва дар маҷмӯъ ҳангоми ҳаллу фасл намудани ҳадаф (ҳадафҳои) аудит пурраву комил бошанд. Ҳадаф аз он иборат аст, ки тамоми ҷанбаҳои ҳадафи аудит бо саволҳои мушаххаси аудит фаро гирифта шаванд. Тамоми шартҳое, ки дар савол гузошта шудаанд, бояд ба таври возеҳу равшан нишон дода шуда бошанд. Саволҳо ба шакли бетарафона тартиб дода мешаванд, ҳатто агар аудитор интизор дошта бошад, ки масъалаҳои вобаста ба саволҳоро пайдо хоҳад кард.

33) Саволҳои аудит метавонанд таҳлилӣ, меъёрӣ ё тавсифӣ бошанд. Ҳатто

агар тартиб додани саволҳои аудит ба тарзи меъёрӣ ё таҳлилӣ мувофиқи мақсад бошад ҳам, илова кардани саволҳои тавсифӣ гоҳе метавонад дар аудит муфиду судманд бошад, бахусус ҳангоми омодасозии аудит дар соҳае, ки иттилоот оиди сарфанокӣ, самаранок ё натиҷанокӣ вуҷуд надорад.

34) Тартиб додани саволҳои аудит ин раванди даврӣ аст, ки дар рафти он аудитор чандин бор саволҳоро номбар карда, аниқу равшан менамояд ва зимнан иттилооти маълуму навро оиди мавзӯъ ва мувофиқи мақсад будани дарёфти посухҳоро дар назар мегирад. Дар марҳалаи банақшагирӣ ҳадаф аз тартиб додани саволҳои аудит ба таври муназзам тамаркуз додани таваҷҷуҳ ба он аст, ки аудитор барои ноил шудан ба ҳадаф чиро бояд донад. Саволҳои аудит метавонанд ислоҳу тасҳеҳ карда шаванд, то ки мавзӯи таҳқиқот беҳтар инъикос карда шавад, зеро аудитор ҳангоми аудит огоҳии бештаре пайдо мекунад (ниг. "Гузаронидани аудит" дар ҳамин ISSAI), вале ин кор набояд зуд-зуд анҷом гирад. Чунки тавсия мешавад, ки саволҳои аудит ба огоҳии объекти аудит расонида шаванд, тағйир ёфтани саволи аудит дар рафти аудит метавонад саволҳое оиди корозмудагӣ, беғаразӣ ва адолати аудитро ба миён оварад.

***Муайян кардани соҳаи фарогирии аудит***

35) Ҳадаф (ҳадафҳои) аудит, саволҳои аудит ва соҳаи фарогирӣ бо ҳам алоқамандананд ва бояд якҷоя баррасӣ карда шаванд. Ҳатто тағйироти ночиз дар ҳадафҳо ё саволҳои аудит метавонад ба соҳаи умумии фарогирии аудит таъсир гузорад.

36) Соҳаи фарогирӣ марзу ҳудудҳои аудитро муайян мекунад. Барои муайян кардани соҳаи фарогирӣ аудитор бояд мушаххас кунад, ки кадом объектҳо бояд ба аудит дохил карда шаванд ё кадом барнома ё ҷанбаи мушаххаси барнома марзу ҳудудҳои аудитро муайян менамояд. Аудитор ҳамчунин бояд давраи замонро, ки бояд аудит шавад, муайян кунад ва агар ин бамаврид бошад, ҷойҳоеро, ки бояд дохил карда шаванд, мушаххас созад. Барои он, ки аз аудити беҳад мураккаб ё гаронбаҳо ҷилавгирӣ шавад, соҳаи фарогирии аудит метавонад навъҳои муайяни фаъолият ё объектҳоро аз аудит хориҷ кунад, ҳатто агар ин навъҳои фаъолият ё объектҳо дар оянда аслан ба ҳадафҳои аудит дахлдор шаванд ҳам.

37) Муҳокимаи соҳаи фарогирии аудит бо объекти аудит дар аввалин имконият амалияи хуб аст. Дар баъзе ҳолатҳо равшану возеҳ кардани ин, ки маҳз чӣ набояд бо аудит фаро гирифта шавад, метавонад муфид бошад. Ин кор имкон медиҳад, ки миқдори тасаввуроти нодуруст ё

интизориҳои нодурусту барғалат коҳиш дода шавад.

***Муайян кардани меъёрҳои аудит***

38) Аудитор бояд меъёрҳои дахлдори аудитро, ки бо ҳадафҳои аудит ва саволҳо мутобиқат доранд, муқаррар намояд (ISSAI 3000/47). Меъёрҳои аудит - ин нишондиҳандаҳои назорат ё стандарт аст, ки барои арзёбии мавзӯи таҳқиқот бо мақсади муайян кардани он, ки оё барнома бо интизориҳо мутобиқат дорад ё аз он боло меравад, истифода карда мешавад. Ин меъёрҳо ҷиҳати арзёбии маълумотҳои воқеӣ, дарёфти натиҷаҳо ва таҳияи хулосаҳо оиди ҳадаф (ҳадафҳо)-и аудит ҳамчун асос ба кор бурда мешаванд.
39) Меъёрҳо метавонанд сифатӣ ё микдорӣ бошанд ва муайян мекунанд, ки аз рӯи кадоми онҳо объекти аудит арзёбӣ карда хоҳад шуд. Меъёрҳои аудит метавонанд умумӣ ё мушаххас бошанд, онҳо метавонанд модели меъёриро барои мавзӯи баррасишаванда инъикос намоянд, онҳо метавонанд амалияи беҳтарин ё оддӣ бошанд ва ё интизории онро, ки мутобиқи қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ё ҳадафҳо “чӣ бояд бошад”, тасвир мекунанд. Меъёрҳои аудит ҳамчунин метавонанд “он чизе, ки интизор меравад” бошанд, тибқи донишҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам, ё ”он чизе, ки метавонист бошад” (дар сурати мавҷудияти шароити беҳтарин). Хусусиятҳо ва саволҳои аудит муайян мекунанд, ки кадоме аз меъёрҳо аз ҳама муносибтар мебошанд.

40) Аудитор барои муайян кардани меъёрҳои аудит метавонад микдори зиёди манбаъҳоро мавриди истифода қарор диҳад, масалан:

a) Қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ, ки фаъолияти объекти аудитро танзим мекунанд

b) Ҳадафҳои сиёсӣ ё санадҳои мақомоти қонунгузор

c) Қарорҳое, ки тавассути ҳокимияти қонунгузор ё иҷроия қабул карда мешаванд

d) Нишондиҳандаҳои калидии самаранок, ки тавассути объекти аудит ё ҳукумат муқаррар гардидаанд

e) Тартибу қоидаҳои муфассал барои амалкард ё фаъолият

f) Стандартҳои тадқиқотҳои илмӣ, адабиёт ё созмонҳои касбӣ ва/ё байналмилалӣ

g) Стандартҳои байналмилалии нишондиҳандаҳои хуб

h) Нишондиҳандаҳои дахлдор дар бахши хусусӣ

i) Нишондиҳандаҳои назорат - ҳамон як корхона, солҳои гуногун; корхонаҳои гуногуни машғули ҳамон як фаъолият

j) Ҳуҷҷатҳои нақшавӣ, қарордодҳо ва буҷетҳо аз объекти аудит

k) Роҳнамоҳои умумӣ ва адабиёти мавзӯӣ

l) Меъёрҳое, ки қаблан дар аудитҳои мушобеҳ ё тавассути дигар МОА мавриди истифода қарор гирифтаанд

m) Стандартҳое, ки тавассути аудитор, эҳтимолан, баъд аз машварат бо экспертҳо дар заминаи мавзӯи таҳқиқот муқаррар гардидаанд

n) Муайян кардани он, ки чӣ метавонист бошад (дар шароити беҳтар).

41) Гоҳе меъёрҳои аудит роҳату осон муайян карда мешаванд, масалан, замоне, ки ҳадафҳои гузошташуда тавассути мақомоти қонунгузор ё ҳукумат равшану возеҳ, дақиқ ва мутобиқаткунанда ҳастанд. Аммо дар аксари ҳолатҳо чунин нест. Ҳадафҳо метавонанд ба таври номуайяну норавшан шарҳу тавзеҳ ва тартиб дода шуда бошанд, хилофи ҳамдигар бошанд ё умуман вуҷуд надошта бошанд. Чунин ҳолат набояд барои аудитор дар анҷом додани аудит монеа эҷод кунад. Дар чунин шароит ба аудитор, эҳтимолан, зарур меояд, ки меъёрҳоеро муқаррар кунад, ки натиҷаи идеалӣ ё интизориро, ки аз рӯи он метавон самарбахшии фаъолияти объектро арзёбӣ намуд, инъикос менамоянд. Яке аз имкониятҳо он аст, ки меъёрҳое муқаррар карда шаванд, ки ба экспертҳо имкон медиҳад ба чунин саволҳое, ба монанди "беҳтарин натиҷаҳои эҳтимолӣ дар чунин ҳолатҳо ва тибқи амалияи маълуми муқоисашаванда чӣ гуна бояд бошанд?" посух диҳанд. Аз тарафи дигар, агар аудитор меъёрҳои самаранок ё стандартҳои тавассути объекти аудит муқарраршударо истифода намояд, вай бояд эҳтиёткор бошад. Риоят намудани ин гуна стандартҳо ҳатман маънои нишондиҳандаи хубро надорад ва аудитор бояд донад, ки объекти аудит метавонад беасос стандартҳои поинро муқаррар намояд, то ки дар риоят намудани онҳо хотирҷамъ бошад.

**Блоки 2**

Маслиҳатҳо оид ба муқаррар намудани меъёрҳои хуби аудит. Боварию итминон пайдо кунед, ки онҳо:

| | |
|---|---|
| a) | Мутобиқаткунанда ва мантиқӣ ҳастанд ё бо сабабият бо саволҳои аудит алоқаманданд |

b) Фаҳмо, кӯтоҳ ва возеҳ ҳастанд, яъне як маъно дошта, барои фаҳмидан осон ҳастанд

c) Пурра ҳастанд, дар маҷмӯъ ҳар як саволро ҳаллу фасл менамоянд - якҷоя бо ҳам онҳо барои посух додан ба саволи аудит кифоякунанда ҳастанд

d) Воқеӣ ва холисона ҳастанд, аз ҳар гуна назари ғаразнок озод ҳастанд

e) Чунон санҷишшаванла ҳастанд, ки метавон муайян кард, ки барои пешниҳод намудани посух чӣ гуна тартибу қоидаҳо ва далелҳо заруранд ва метавон тибқи ин меъёрҳо хулоса баровард

42) Тибқи ISSAI 3000/51 аудитор бояд дар чаҳорчӯби банақшагирӣ ё гузаронидани аудит меъёрҳои аудитро бо объекти аудит ва эҳтимолан бо ҷонибҳои манфиатдори дахлдор муҳокима кунад. Сипас ихтилофҳо оиди меъёрҳо метавонанд ошкор гардида, мавриди муҳокима қарор гиранд ва дар марҳалаи ибтидоӣ ба таври мувофиқ ҳаллу фасл гарданд. Ин маврид бахусус дар ҳолатхое муҳим аст, ки меъёрҳо махсусан барои супориш таҳия мегарданд ё вақте, ки онҳо равшану возеҳ нестанд ва метавонанд боиси пайдо шудани баҳсу даъвоҳо бо объекти аудит гарданд.

43) Муҳим он аст, ки аудитор ҳангоми муҳокимаи меъёрҳо ба далелҳои асосноку қонеъкунандаи объекти аудит гӯш диҳад ва дар айни замон манфиатдории эҳтимолии ӯро дар пинҳон кардани нуқтаҳои заъфу сусти худ дарк кунад. Воқеиятҳо ва далелҳои пешниҳодшуда аз ҷониби объекти аудит бояд бо дигар воқеияту далелҳои дахлдор (аз дигар манбаъҳо, экспертҳо ва ғайра) муқоиса карда шаванд ва аудитор метавонад нуқтаи назари объекти аудитро ба ин меъёрҳо баъд аз баррасии дақиқ қабул кунад. Аммо тасмими ниҳоӣ оид ба муқаррар намудани меъёрҳо аз ҷониби аудитор гирифта мешавад ва муҳим он аст, ки аудитор дар рафти ин раванд мустақил боқӣ бимонад.

***Интихоби равишҳои ҷамъоварии маълумотҳои аудиторӣ***

44) Қисмати муҳимми банақшагирии гузаронидани аудит муайян кардани равишҳое мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳадаф (ҳадафҳои) аудит, саволҳои аудит, соҳаи аудит ва меъёрҳои аудит омилҳое ҳастанд, ки муайян мекунанд, ки чӣ гуна маълумотҳо заруранд ва чӣ гуна равишҳо беш аз ҳама барои дарёфти ин маълумотҳо муносиб ҳастанд.

45) Дар марҳалаи банақшагирӣ ҳадафи интихоби равишҳо иборат аст аз тамаркузи мураттаби таваҷҷуҳ ба ин, ки аудитор барои посух додан ба саволҳои аудит ва баррасии меъёрҳо чиро бояд донад ва ҳамчунин огоҳӣ дошта бошад, ки аз куҷо ва чӣ гуна метавонад ин иттилоотро ба даст оварад. Дар ин робита мувофиқи мақсад ин аст, ки санҷиши таҷрибавӣ гузаронида шавад, ки дар рафти он аудитор равиши ҷамъоварии маълумотҳоро месанҷад. Ҳадаф дар он аст, ки беҳтарин равишҳо ва стандартҳо қабул карда шаванд, вале масъалаҳои амалии марбут ба мавҷудияти маълумотҳо ё мувофиқи мақсад будан ва арзиши ҷамъоварии онҳо метавонанд интихоби равишҳоро маҳдуд созанд. Эҳтимолан, аудиторро лозим меояд, ки бо тасмими дараҷаи дуюм қонеъ гардад.

46) Агар бо мавҷудияти маълумотҳои дуюмдараҷа мушкиле вуҷуд дошта бошад ё сифати ин маълумот паст бошад, аудитор метавонад оид ба ҷамъоварии маълумотҳои аввалия бо роҳи таҳия намудани саволномаҳо, ёддоштҳои оморӣ, мушоҳидаҳо ва ғайра тасмим гирад. Дар ҳоле, ки маълумотҳои аввалияи таҳияшуда тавассути аудитор маъмулан боэътимодтар ҳастанд, маълумотҳои дуюмдараҷаи ҷамъоваришуда ва/ё таҳлилшуда тавассути шахсони дигар (масалан, ҳисоботҳо оиди арзёбии самаранок, ҳисоботҳои дохилӣ ва ғайра) метавонанд ҳангоми гузаронидани аудити самаранок манбаи муҳимме бошанд.

47) Ба аудиторон, эҳтимолан, лозим меояд, ки масъалаи тағйир додани барномаи аудитро баррасӣ намоянд. Аудитор бояд тасмим гирад, ки истифодаи кадом равишҳо дар рафти аудит мувофиқи мақсад аст, яъне афзалиятҳо ва норасоиҳо кадоманд ва оё равишҳо барои истифода дар муқоиса бо натиҷаи интизорӣ бениҳоят гаронбаҳо ҳастанд ё не. Дар чунин ҳолатҳо бояд мутобиқаткунандагӣ ва арзиши иловагӣ бо роҳи тағйир додани нақша дар назар гирифта шавад ва ҳамчунин дар рафти аудит ҳар чӣ зудтар тағйирот ворид гардад.

48) Аудити самаранок метавонад бар гуногунии калони равишҳои ҷамъоварии он маълумотҳое такя кунад, ки маъмулан дар илмҳои иҷтимоӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба монанди пурсишҳо, мусоҳибаҳо, мушоҳидаҳо ва ҷамъоварии маълумотҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои хаттӣ. Равишҳои омории намунагирӣ ва пурсиш метавонанд имкон диҳанд, ки арзёбӣ барои тамоми аҳолӣ амалӣ гардад, таҳқиқотҳои мавзӯӣ бошанд якҷоя бо дигар маълумотҳои воқеӣ имкони таҳлили амиқро фароҳам меоваранд.

49) Навъҳои гуногуни маълумотҳои аудиторӣ метавонанд бо истифода аз равишҳои мухталифи ҷамъоварии маълумотҳо, ҳамон тавре, ки дар ҷадвали поин оварда шудааст, ба даст оварда шаванд.

Ҷадвали 1. Робитаи байни навъҳои маълумотҳои аудиторӣ ва равишҳои гуногун

| Маълумотҳои аудиторӣ | Равишҳои ҷамъоварии маълумотҳо |
|---|---|
| Нишондодҳои шоҳидон | Мусоҳиба<br>Пурсишҳо, саволномаҳои фокус-гурӯҳ<br>Гурӯҳҳои референтӣ |
| Маълумотҳои ҳуҷҷатӣ | Аз назар гузаронидани ҳуҷҷатҳо, Аз назар гузаронидани файлҳо<br>Бо истифода аз омори мавҷуда Бо истифода аз махзанҳои маълумоти мавҷуда |
| Далелҳои шайъӣ | Мушоҳидаи одамон, Азназаргузаронии объектҳо ё ҷараёнҳо, Азназаргузарониҳо, масалан, дараҷаи амнияти маълумотҳои компютерӣ |
| Маълумотҳои таҳлилӣ | Масалан: равишҳои миқдории ҷамъоварии маълумотҳо. Таҳлили фарогирии маълумотҳо, таҳлили баргаштӣ (регрессионӣ). Ҳисоббарориҳо, муқоисаҳо, ҷудокунии иттилоот ба ҷузъҳои таркбидиҳанда ва далелҳои дурусту оқилона |

50) Муҳим он аст, ки аудитор стратегияи барои аудит муносибро бо роҳи муттаҳид намудани лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, равишҳо ва услубҳо дар чаҳорчӯби аудит мутобиқи матн, ҳадаф (ҳадафҳо), саволҳо, меъёрҳо, малакаҳо ва захираҳои аудитор ва ҳамчунин мавҷудияти маълумотҳо муайян намояд.

***Намунаи матритсаи лоиҳавӣ***

51) Ҳангоми таҳияи аудит аудитор бояд ҳадаф (ҳадафҳо)-и аудит, соҳа ва саволҳои аудит, меъёрҳои аудиту равишҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳоро бо ҳам якҷоя мувофиқ кунонад. Модели ҳамаҷониба татбиқшавандаи банақшагирӣ ва таҳияи аудити самаранок вуҷуд надорад. Равише, ки дар поён оварда шудааст, амалия хуб буда, зуд-зуд мавриди истифода қарор мегирад. Вай метавонад барои ҳамаи аудитҳо муносиб набошад, вале ҷиҳати масъалаҳои мураккаб муфид аст. Бинобар ин, дар ҳар як ҳолати мушаххас аудитор бояд дар фикри он бошад, ки оё равише, ки дар поён оварда шудааст, муносиб аст ё гузинаҳои дигаре вуҷуд

доранд.

52) Ҳадафи матритсаи лоиҳавӣ аз он иборат аст, ки мувофиқи мақсад будани ноилшавӣ ба хулоса оиди ҳадафи аудит равшан карда шавад ва силсилаи мантиқии мулоҳизаҳову таҳлил аз ҳадафи аудит сар карда то ба меъёрҳои аудит ва равишҳои истифодашаванда таъмин гардад. Ин матритса ба аудитор имкон медиҳад, ки модели мантиқӣ ва басомони таҳияи таҳқиқот тартиб дода шуда, дар назар гирифтани ҳамаи ҷанбаҳои ҳадафи аудит таъмин гардад. Аз ҳама асосӣ ин аст, ки матритсаи лоиҳавӣ аз аудитор талаб мекунад, ки ӯ дар марҳалаи банақшагирӣ шарҳу тавзеҳ диҳад, ки бо чӣ гуна манбаъҳои маълумотҳо метавон меъёрҳои аудит санҷида шаванд.

53) Дар расм нишон дода шудааст, ки чӣ гуна ҳадаф (ҳадафҳои) аудит метавонад ба саволҳои мушаххаси аудит тақсим карда шавад ва чӣ гуна ҳар як саволи аудит бо меъёрҳои аудит алоқаманд аст. Ҳангоми тартиб додани натиҷагириҳо аудитор аз мулоҳизаи касбӣ, ки хулосаҳои гуногуни аудиторӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хусусияти норасоиҳои ошкоршуда дар рафти аудитро дар назар мегирад, истифода менамояд.

54) Муҳим он аст, ки аудитор ба таври возеҳу равшан дар матритсаи лоиҳавӣ муайян кунад, ки барои дарёфти маълумотҳои аудитории кифоякунанда ва лозима ҷиҳати баровардани хулосаҳо кадом навъи таҳлил зарур аст. Ин аз аудитор талаб мекунад, ки тавсиф карда шавад, ки кадом навъи иттилоот ва маълумотҳо бояд ҷамъоварӣ шаванд, ҳамчунин бояд манбаъҳои мушаххас, равишҳои зарурӣ барои ҷамъоварии маълумотҳо ва навъҳои равишҳо, ки бояд барои таҳлили маълумотҳо мавриди истифода қарор гиранд, нишон дода шаванд.

55) Ҳамон тавре, ки дар расми поён нишон дода шудааст, натиҷаҳои интизории аудит бевосита бо меъёрҳои аудит алоқаманд ҳастанд. Аудитор бояд арзёбӣ кунад, ки оё барнома ё объект бо ин меъёрҳо мутобиқат доранд ё не. Агар аудит нишон диҳад, ки баъзе аз меъёрҳо иҷро шудаанд, вале дигарҳояшон не, аудитор бояд мулоҳизаи касбии худро ба кор бубарад, то ки баррасӣ кунад, ки хулосаи аудиторӣ чӣ гуна хоҳад буд.

## РАСМИ 1: МАТРИТСАИ ЛОИҲАВИИ АУДИТ (НАМУНА)

**БАРНОМАИ АУДИТ**

Ҳадафи аудит

Саволҳои аудит

Меъёрҳои аудит

Равиш

Маълумотҳои аудиторӣ

Натиҷаҳои интизории аудит (мутобиқи меъёрҳо)

Натиҷагириҳои интизорӣ (мутобиқи саволҳо)

Натиҷагириҳои интизорӣ (мутобиқи ҳадаф)



МУЛОҲИЗАИ УМУМИИ КАСБӢ ТАЛАБ КАРДА МЕШАВАД

***Идоракунии хуби лоиҳаҳо ва пешниҳод намудани нақша ба роҳбарон ва роҳбарияти МОА***

56) Азбаски аудити самаранок раванди пурзаҳмат ва гаронарзиш аст, бениҳоят муҳим он аст, ки аудит ба таври лозима ба нақша гирифта шавад ва иҷрои нақша ба таври муназзам назорат карда шавад ва дар сурати зарурат чораҳоиислоҳкунанда анҷом дода шаванд. Барномаи аудит бояд навишта шуда, ҳуҷҷатнок карда шавад ва сипас ба роҳбарияти МОА барои тасдиқ пешниҳод гардад.

57) Дар кулл гурӯҳи аудиторӣ барои гузаронидани аудит бояд

дорои салоҳияти зарурии касбӣ бошад. Ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бояд яксону якнавохт мазмуну маънои саволҳои аудит, доираи пешбурди кори ба онҳо вогузоршуда ва хусусиятҳои уҳдадориҳоро, ки аз онҳо тибқи стандартҳои татбиқшавандаи аудит талаб карда мешавад, фаҳманд ва дарк кунанд. Бо вуҷуди он, як нафар, ки маъмулан дорои таҷрибаи бештар аст ё аудитори аз ҳама баландмартаба аст, метавонад ба ҳайси роҳбари гурӯҳ таъин карда шавад. Роҳбари гурӯҳ бобати иҷрои корҳои аудиторӣ ва ҳамчунин тақсим намудани вазифаҳо байни аъзоёни гурӯҳ масъул мебошад. Роҳбари гурӯҳ сифати баланд ва натиҷаи саривақтии фаъолияти гурӯҳи аудиториро таъмин мекунад. Ҷустуҷӯи имкониятҳо барои боло бурдани тахассуси ҳайати кормандон дар доираи кори аудиторӣ амалияи маъмулӣ мебошад. Интихоби аудитор бо таҷрибаи камтар ба ҳайси роҳбари гурӯҳ бо дастгирӣ ва роҳнамоии аудитори ботаҷрибатар метавонад ҳамчун намуна ба кор бурда шавад.

58) Ҳангоми тартиб додани барномаи аудит муайян кардани ҷадвали замонбандӣ ва захираҳои зарурӣ муҳим аст. Аудитор барои боло бурдани сифати аудит ҳамчунин бояд масъалаи зарурати анҷом додани машваратҳоро бо экспертҳои дохилӣ ва берунӣ (мушовирон, дигар аудиторон) баррасӣ намояд. Нақшаи марҳала ба марҳала барои тим кумак хоҳад кард, ки раванди аудит ба қисматҳои камтаре тақсим карда шавад. Ин кор барои тим арзёбии онро, ки то чӣ андоза истифодаи захираҳо дар муқоиса бо кори зарурӣ қобили иҷро аст, осон менамояд. Агар нақша нишон диҳад, ки муҳлатҳо аз ҳад зиёд қатъӣ ҳастанд, ба тим лозим меояд, ки муҳлатҳо васеътар карда шаванд ё баррасӣ шавад, ки кадоме аз саволҳои аудит муҳимтар мебошанд ва вақту захираҳо мутаносибан сарф карда шаванд. Гоҳе ба саволҳои дорои аҳамияти камтар метавон бо кумаки равишҳои ҷамъоварии маълумоте, ки меҳнатталабии онҳо камтар аст, посух дод, масалан, бо истифода аз манбаъҳои мавҷудаи дуюмдараҷа дар фарқият аз ба кор бурдани саволномаҳо ё маълумотои мусоҳибаҳо.

59) Ҳуҷҷатнок намудани истифодаи захираҳои буҷетӣ ва рӯзҳои коркардшуда ва ҳамчунин нишондиҳандаҳои назорати ноилшуда амалияи маъмулӣ мебошад. Мавриди охиринро метавон ба шакли электронӣ анҷом дод ё дар ҳуҷҷатҳои корӣ дар баробари ҳодисаҳои муҳим дар рафти аудит

ҳуҷҷатнок кард. Дар ҳолатҳое, ки сухан дар бораи аудитҳои нисбатан мураккабтар меравад, МОА метавонад масъалаи таъин кардани роҳбари ботаҷриба ё кумитаи роҳбарикунандаро барои роҳбарӣ намудани гурӯҳи корӣ ва назорат аз болои рафти аудит баррасӣ намояд.

60) Роҳбарони аудит ба ҳайати кормандоне, ки барои гузаронидани аудит таъин шудаанд, ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои аудит ва риоят намудани талаботҳои татбиқшаванда дастурҳои роҳбарикунанда медиҳанд. Дар айни ҳол ба роҳбарон доимо оиди масъалаҳои муҳим иттилоъ дода мешавад, онҳо кори анҷомшударо мавриди таҳлил қарор дода, омӯзиши самарбахшро дар ҷойи кор таъмин мекунанд. Хусусиятҳо ва ҳаҷми назорати ҳайати кормандон ва тафтиши корҳои аудиторӣ вобаста ба як қатор омилҳо, ба монанди андозаи созмони аудиторӣ, аҳамияти кор ва таҷрибаи кормандон, метавонад тағйир кунад. Маъмулан, ҳамчунин мувофиқи мақсад аст, ки ба роҳбарияти олӣ дар бораи рафти гузаронидани аудит, натиҷаҳои дарёфтӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо иттилоъ дода шавад.

## » ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ АУДИТОРӢ

61) Муҳокимаи хавфҳои мушаххаси аудиторӣ ва ин маврид, ки аудитор чӣ гуна дар барномаи аудит ё таҳқиқоти пешакӣ коҳиш додани онҳоро ба нақша гирифтааст, амалияи маъмулӣ мебошад. Арзёбии хавф метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, вале метавонад тавассути ҳаллу фасли саволҳои зерин иҷро шавад:

a) Оё маълумотҳои дастрас ба қадри кофӣ вуҷуд доранд ва оё ин маълумот сифати хуб дорад?

b) Оё гурӯхи аудиторӣ барои гузаронидани ин аудити мушаххас дорои малакаҳо ва донишҳои кифоякунанда мебошад?

c) Оё чаҳорчӯбҳои замонӣ ва захираҳо (соат/воситаҳо), ки барои гузаронидани аудит заруранд, қобили иҷро ҳастанд?

d) Оё мавзӯи аудит ҳассос, хеле ошкору намоён ё баҳснок аст? (ҳассосияти сиёсӣ, ҳассосияти ВАО, ҳассосияти парламентӣ)

e) Оё аудит ва/ё мавзӯи он хеле мураккаб аст?

f) Оё хавфе, ки бо пуррагии идоракунӣ ё муносибатҳо бо объект алоқаманд аст, вуҷуд дорад?

62) Агар хавфи аудиторӣ зиёд бошад, он гоҳ метавонад зарурати таҳия намудани стратегияи коҳиш додани хавфҳо ва/ё тағйир додани барномаи аудит ба миён ояд. Сипас аудитор барои коҳиш додани хавфи аудиторӣ метавонад стратегияи ҷамъоварии маълумотҳоро таҳия кунад ва тағйир диҳад. Масалан, баррасӣ намудани мавридҳои зерин муфиду судманд хоҳад буд:

a) Ташкил намудани ҳайати кормандони дигар - масалан, бо дохил кардани кормандони синну солашон болотар

b) Ба таври иловагӣ ба кор ҷалб намудани мутахассисони дохилӣ ва берунӣ

c) Ислоҳ намудани стратегия ва равишҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо

d) Эҷод намудани механизмҳои мушаххаси робита бо объекти аудит

e) Муқаррар намудани чораҳои мушаххас барои назорати сифат.

***Иртибот дар марҳалаи банақшагирӣ***

63) Беҳтар аст, ки тамосҳо бо объекти аудит ва ҷонибҳои дахлдори манфиатдор дар марҳалаи таҳиякунӣ ва дар муддати тамоми раванди аудит ба нақша гирифта шавад, то ки ба таври доимӣ ба онҳо оиди рафти аудит иттилоъ дода шавад.

64) Амалияи иртибот метавонад гуногун бошад. Баъзе аз МОА афзал медонанд, ки ба объекти аудит, бахусус ба роҳбарияти олӣ, иттилооти муфассал оид ба сохтори таҳқиқот пешниҳод гардад, зеро иштироки барвақти онҳо метавонад объекти аудит ва ҷонибҳои масъулро оиди хусусиятҳо ва ҳаҷми меъёрҳои аудит бовар кунонад. Дигар МОА дар ин марҳала иттилооти муфассал пешниҳод намекунанд ва афзал медонанд, ки чунин иттилоот баъд аз тасдиқ гардидани пешниҳод оиди аудит дода шавад. Ҳатто бе пешниҳод намудани иттилооти муфассал, маъмулан, ба объект пешниҳод намудани иттилоот оиди фарзу тахминҳо ва сабабҳо, ки асоси тасмимгирӣ оиди гузаронидани марҳалаи таҳиякунӣ мебошанд, амалияи хуб аст. Муҳокимаи пешакӣ бо объектҳои аудит аҳамияти калон дорад, то ки ба онҳо оиди таҳиякунӣ, оиди он, ки аудити имконпазир чист ва барои чӣ вай метавонад гузаронида шавад, иттилоъ дода шавад.

65) Анҷом додани суҳбатҳо бо роҳбарон ва кормандони объекти аудит барои дарёфти донишҳои появию асосӣ оиди соҳаи аудит, вазифаҳо ва шароити он муҳим аст. Барои ҷилавгирӣ аз ғалатфаҳмиҳо беҳтар аст, ки ба объекти аудит оиди ҳама гуна чунин тамосҳо иттилоъ дода шавад. Гуфтугӯ бо объекти аудит метавонад дар оянда ба тағйири ҳадафҳои аввалияи аудит оварда расонад. Ғайр аз ин, анҷом додани муҳокимаҳо бо аудиторони дохилӣ ва истифода намудани таҷрибаи онҳо низ метавонад муҳим бошад.

**Блоки 3**

Мавзӯъҳои зерин барои анҷом додани муҳокимаҳо бо объекти аудит дар марҳалаи таҳиякунӣ метавонанд ҳамчун намуна хизмат кунанд:

a) оё аудит аз ҷониби шахсони дигар, масалан мақомоти қонунгузор, дархост шудааст ё ки он бо ташаббуси худи МОА гузаронида мешавад;

b) оё аудит ба хавфи умумӣ дахл дорад, оё он арзёбии стратегиро дар бар мегирад ё он бо масъалаҳои сарфанокӣ, самаранок ё натиҷанокӣ алоқаманд аст, агар чунин бошад, дар кадом асос;

c) таъинот ва ҳадафҳои таҳқиқоти пешакӣ;

d) барномаи аудит, соҳаи аудит, муҳлатҳо ва методология;

e) меъёрҳои аудит;

f) он иттилооте, ки онро МОА бояд аз объекти аудит дар ин марҳала барои ҷамъ намудани донишҳо, санҷидани лоиҳаҳои эҳтимолӣ ва ғайра дарёфт намояд.

66) Илова бар мулоқоту муҳокимаҳо бо объекти аудит ҷиҳати нигаҳдории раванди иртибот дар марҳалаи таҳиякунӣ метавон аз чандин равиш истифода намуд:

*a) Ирсоли нома* бевосита ба роҳбари объекти аудит. Ин маврид имкон медиҳад, ки аудит ба роҳбарияти олӣ пешниҳод ва муаррифӣ гардад. Метавон қолибе эҷод намуд, ки он пешниҳоди якхелаи иттилоотро барои ҳамаи аудитҳо таъмин мекунад.

*b) Омодасозии китобча (брошюра),* ки дорои мандат ва принсипҳои

гузаронидани аудити самаранок ва ҳамчунин тавсифи раванди аудит мебошад. Ин маврид фаҳмиши онро, ки аудити самаранок чӣ аст ва раванди аудит чиро дар бар мегирад, осон мекунад Вай метавонад дар веб-сомонаи МОА барои шиносоии умумӣ бо аудити самаранок ҷой дода шавад.

c) *Муайян кардани шахсони масъули барои тамос* дар объекти аудит, то ки аудитор бо объекти аудит тамоси мустақим дошта бошад ва раванди аудит ҳамвору равон гузарад. Бо вуҷуди он, дар ҷараёни масъалаҳои муҳим гузоштани роҳбарияти ҳар ду тараф муҳим аст ва ин маврид метавонад ба воситаи шахси масъули тамос таъмин гардад.

67) Масъулияти мусоидат намудан ба гуфтугӯ ва иртиботи лозима ба зиммаи аудитор аст. Зимнан дар сурати пеш омадани ихтилофот ба таври касбӣ анҷом додани назорат, аз рӯи виҷдон ва бодиққат гӯш додан ба тарафи дигар, такя кардан ба воқеиятҳо, беғараз будан ва таъмин кардани пуррагӣ хеле муҳим аст.

# 3
# ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТ




68) Дар ин фасл талаботҳо ва тавсияҳо оид ба гузаронидани аудити самаранок оварда шудаанд. Ҳадафи ин талаботҳо аз он иборат аст, ки равиши умумӣ, ки аудитор бояд онро ҳангоми гузаронидани аудит татбиқ намояд, муқаррар карда шавад. Талаботҳои мазкур аввалан ба дарёфти маълумотҳои кифоякунандаю лозима ва дуюм ба истифодаи ин маълумотҳо барои посух додан ба ҳадаф ва саволҳои аудит дахл доранд.

## » МАЪЛУМОТҲО

**Талабот тибқи ISSAI 3000:**

Аудитор маълумотҳои кифоякунанда ва лозимаи аудиториро ба хотири он дарёфт менамояд, ки натиҷаҳои аудитро муқаррар намояд, дар посух ба ҳадафҳои аудит ва саволҳои аудит хулосаҳо барорад ва тавсияҳо диҳад, агар ин бамаврид бошад ва бо мандати ВОА иҷозат дода шуда бошад ***(ISSAI 3000/106).***

**РОҲНАМО**

69) Барои он, ки ба саволҳои аудит посух дода шавад ва оиди ҳадафҳои аудит хулоса бароварда шавад, аудитор бояд маълумотҳои зарурирo ҷамъоварӣ намояд. Тасмим оиди он, ки ин раванди ҷамъоварии маълумотҳо чӣ гуна идома дода шавад, маъмулан, ҳангоми таҳия кардани аудит гирифта мешавад (ниг. “Банақшагирӣ” дар боло). Вобаста ба он, ки барномаи аудит то чӣ андоза тафсил дода шудааст, дар оғози аудити воқеӣ мумкин аст зарурати коркарди баъдии он, ки дар куҷо ва чӣ гуна маълумотҳои лозима ҷамъоварӣ шавад, ба миён ояд. Омодасозии нақшаи муфассали аудит метавонад муфиду судманд бошад, агар ин кор дар марҳалаи банақшагирӣ иҷро нашуда бошад.

70) Баъд аз он, ки маълумотҳои аудиторӣ ҷамъоварӣ шуданд, аудитор бояд арзёбӣ кунад, ки оё онҳо дуруст ва муносибу лозима ҳастанд ё не. Дар асоси ин арзёбӣ аудитор бояд тасмим гирад, ки оё зарурат барои дарёфти маълумоти бештар ё маълумоти дигар вуҷуд дорад ё не.

***Маълумотҳои кифоякунанда ва муносибро чӣ гуна бояд дарёфт кард***

71) Ҳангоми аудити самаранок маълумотҳо аҳёнан боэътимод ҳастанд (оре/не, дуруст/нодуруст). Маъмулан, маълумотҳои аудиторӣ боэътимод мебошанд (“ба хулосаи он, ки... ишора мекунад”). Ҳангоми кор дар соҳаҳое, ки маълумотҳо бештар боэътимод ҳастанд, то ки ниҳоӣ, дар марҳалаи банақшагирӣ ё дар оғози марҳалаи гузаронидани аудит анҷом додани муҳокимаҳо бо экспертҳои ин соҳа оиди хусусиятҳои маълумотҳои дарёфтӣ ва тарзи таҳлили онҳо ва тафсири онҳо тавассути аудитор мумкин аст муҳим бошад. Чунин равиш хавфи дуруст нафаҳмидани маълумотҳоро коҳиш дода, ба раванди аудит суръат мебахшад. Ҳамчунин муҳим он аст, ки аудитор иттилоотро аз манбаъҳои гуногун ҷустуҷӯ намояд, чунки созмонҳо, шахсони алоҳида дар созмон, экспертҳо ва ҷонибҳои манфиатдор нуқтаҳои назари гуногун дошта, далелҳои мухталиф пешниҳод мекунанд.

72) Ҳадафи марҳалаи банақшагирӣ аз он иборат аст, ки аудит дуруст ва бодиққат ба нақша гирифта шавад, то ки имкони татбиқ намудани равишҳои ҷамъоварии маълумотҳои тавсифшуда дар ҳуҷҷатҳои банақшагирӣ фароҳам оварда шавад. Зимнан дар марҳалаи гузаронидан аудитор бояд муайян намудани манбаъҳои эҳтимолии иттилоотро, ки метавонанд ба ҳайси маълумот истифода шаванд, идома диҳад. Дар марҳалаи банақшагирӣ на

ҳамаи ҳолатҳоро метавон пешбинӣ намуд, бинобар ин аудиторро лозим меояд, ки дар марҳалаи гузаронидани аудит соҳаи фарогирии аудит, саволҳо, меъёрҳо ва равишҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳоро ислоҳ намояд. Беҳтар аст, ки тағйироти қатъӣ дар сохтори аудит маҳдуд карда шавад, агар он ногузиру ҳатмӣ набошад. Тағйироти муҳим дар сохтор тавассути роҳбарият муайян карда мешавад ва объекти аудит бояд дар бораи онҳо огоҳ карда шавад.

73) Аудитор ҳамчунин бояд арзёбӣ кунад, ки оё вуҷуд надоштани маълумотҳои кифоякунанда ва лозима натиҷаи норасоиҳои назорати дохилӣ ё дигар камбудиҳои барнома ҳастанд ва оё мавҷуд набудани маълумотҳои кифоякунанда ва лозима метавонанд барои натиҷаҳои аудит асос бошад ё не.

***Арзёбии он, ки оё ин маълумотҳо кифоякунанда ва лозима ҳастанд ё не***

74) Консепсияи маълумотҳои кифоякунанда ва лозима қисмати ҷудонопазири аудит аст (ниг. ISSAI 3000/106-111). Ҳангоми арзёбии маълумотҳо аудитор бояд баҳо диҳад, ки оё маълумотҳо дар маҷмӯъ барои ноил шудан ба ҳадафҳои аудит ва тақвият бахшидани натиҷаҳову хулосаҳо кифоякунанда ва лозима ҳастанд ё не. Ҳадафҳои аудит, ба монанди сатҳи кор, ки барои арзёбии кифоя будан ва бамаврид будани маълумотҳо ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда заруранд, метавонанд аз ҳамдигар хеле фарқ кунанд. Консепсияҳои хавф ва аҳамиятнокӣ ба аудитор дар арзёбии маълумотҳои аудиторӣ кумак мекунад (ниг. ҳамчунин "Хавфи аудиторӣ ва аҳамиятнокӣ" дар GUID 3910).

**Блоки 4**

Кифоя будан

Ин нишондиҳандаи миқдори далелҳо аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои аудит ва тақвият бахшидани натиҷаҳову хулосаҳои аудит истифода мешавад.

Бамаврид будан

Ин нишондиҳандаи сифати маълумотҳо аст, ки шомили мутобиқаткунандагӣ, дурустӣ ва эътимодияти маълумотҳо аст, ки барои ҳаллу фасл намудани ҳадафҳои аудит ва тақвият бахшидани натиҷаҳову хулосаҳои аудит истифода мешавад.

а) Мутобиқаткунандагӣ

- ба дараҷае дахл дорад, ки дар он маълумотҳо бо ҳадафҳои аудит ва масъалаҳои

ҳалшавандаи аудит робитаи мантиқӣ доранд ва ҳамчунин муҳим будан барои онҳо.

b) Воқеият

- ба дараҷае дахл дорад, ки дар он маълумотҳо пураҳамият ё асоси оқилона барои андозагирии он мавриде мебошанд, ки арзёбӣ мешавад.

c) Эътимодият

- ба ин маврид дахл дорад, ки то кадом дараҷа маълумотҳои аудиторӣ бо маълумотҳои таъйидкунанда аз манбаъҳои гуногун тақвият дода мешаванд ё ҳангоми санҷиши такрорӣ ҳамон як натиҷаҳои аудиториро медиҳанд.

75) Ҳамон тавре, ки дар боло зикр гардид, навъҳо ва манбаъҳои гуногуни далелҳо вуҷуд доранд, ки аудитор метавонад онҳоро мавриди истифода қарор диҳад. Ҳар кадоме аз навъҳои маълумотҳо ҷанбаҳои қавӣ ва сусти худро доранд. Тазоду зиддиятҳои зерин ҳангоми арзёбии бамаврид будани маълумотҳо муфиду судманд ҳастанд:

a) Маълумотҳои ҳуҷҷатӣ аз маълумотҳои шифоҳӣ дида боэътимодтар ҳастанд, вале эътимодияти онҳо вобаста ба манбаъ ва таъиноти ҳуҷҷат тағйирпазир аст.

b) Далелҳои шоҳидие, ки ба шакли хаттӣ тасдиқ шудаанд, танҳо аз далелҳои шифоҳӣ дида боэътимодтар ҳастанд.

c) Маълумотҳое, ки бар мусоҳибаҳои сершумори дар маҷмӯъ гирифташуда асос ёфтаанд, аз маълумотҳое, ки бар як мусоҳиба ё чанд мусоҳиба асос ёфтаанд, боэътимодтар ҳастанд.

d) Далелҳои шоҳидие, ки дар шароите дарёфт гардидаанд, ки одамон метавонанд озодона суҳбат кунанд, аз далелҳое, ки дар шароите дарёфт гардидаанд, ки одамон худро метавонанд тарсида эҳсос намоянд, боэътимодтар ҳастанд.

e) Далелҳое, ки аз ҷониби хуб огоҳӣ дошта, сазовори эътимод ва холису беғараз дарёфт гардидаанд, аз далелҳои дарёфтшуда аз роҳбарияти объекти аудит ё

дигар шахсоне, ки дар объекти аудит манфиати бевосита доранд, боэътимодтар ҳастанд.

f) Далелҳое, ки ҳангоми назорати дохилии самарбахш дарёфт гардидаанд, аз далелҳое, ки зимни назорати дохилии суст ё вуҷуднадошта дарёфт гардидаанд, боэътимодтар ҳастанд.

g) Далелҳое, ки дар натиҷаи мушоҳидаи бевосита, ҳисоб ва санҷиши аудитор дарёфти гардидаанд, аз далелҳое, ки ғайримустақим дарёфт гардидаанд, боэътимодтар ҳастанд.

h) Ҳуҷҷатҳои асл аз ҳуҷҷатҳои нусхабардоришуда дида боэътимодтар ҳастанд.

76) Фарзу тахминҳои зерин ҳангоми арзёбии кифоя будани маълумот муфид ҳастанд:

a) Хавфи аудиторӣ ҳар қадар боло бошад, миқдор ва сифати далелҳо ҳамон қадар зиёдтар талаб карда мешавад.

b) Далелҳои нисбатан қавитар имкон медиҳанд, ки миқдори камтари далелҳо истифода шавад.

c) Мавҷудияти ҳаҷми калони далелҳои аудиторӣ вуҷуд надоштани мутобиқаткунандагӣ, воқеият ё эътимодиятро ҷуброн намекунад.

d) Далелҳои иловагӣ маъмулан замоне зарур ҳастанд, ки объекти аудит оиди масъалаи баррасишаванда фикру ақидаи дигар дорад.

77) Аудитор бояд кифоя будани умумӣ ва бамаврид будани маълумотҳоро ҷиҳати таъмин намудани асоси оқилона барои натиҷаҳо ва хулосаҳо дар заминаи ҳадафҳои аудит муайян намояд. Мулоҳизаи касбӣ ба аудитор имкон медиҳад, ки кифоя будан ва бамаврид будани далелҳоро дар маҷмӯъ муайян кунад (ниг. ҳамчунин"Мулоҳизаи касбӣ ва шаккокӣ" дар GUID 3910). Тафсир, ҷамъбандӣ ё таҳлили маълумотҳо одатан дар раванди муайян кардани кифоя будан ва бамаврид будани маълумотҳо ва ҳамчунин ҳангоми пешниҳод намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои кори аудиторӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Дар

ҳолатҳои дахлдор аудитор метавонад ҷиҳати таҳлил ва тафсири маълумотҳо бо мақсади арзёбии кифоя будани онҳо аз равишҳои оморӣ истифода намояд.

**Блоки 5**

Маълумотҳои кифоякунанда ва муносиб

a) Маълумотҳо замоне кифоякунанда ва бамаврид мебошанд, ки онҳо барои асосноккунии натиҷаҳо ва хулосаҳо дар заминаи ҳадафҳои аудит асоси оқилонаро таъмин менамоянд.

b) Маълумотҳо кифоякунанда ё бамаврид нестанд, вақте ки:

- истифодаи далелҳо бо худ хавфи болои норавои онро дорад, ки метавонад аудиторро ба натиҷагирии нодуруст ё хато биоварад,
- ин маълумотҳо маҳдудиятҳои асосӣ доранд, бо дарназардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои аудит ва ҳамчунин
- истифодаи ҳадафманди маълумотҳо, ё

ин маълумотҳо барои ҳаллу фасл намудани ҳадафҳои аудит ё таъйид намудани натиҷаҳову хулосаҳо асоси мутаносибро таъмин намекунанд. Аудитор наметавонад ин гуна маълумотҳоро ба ҳайси таъйиди натиҷаҳо ва хулосаҳо истифода намояд.

# » НАТИҶАҲО ВА ХУЛОСАҲО

## Талабот тибқи ISSAI 3000:

Аудитор бояд иттилооти ҷамъоваришударо мавриди таҳлил қарор диҳад ва онро таъмин намояд, ки натиҷаҳои аудит дар оянда пешниҳод карда шуда, ба ҳадафҳои аудит ва саволҳои аудит посух диҳанд; дар сурати зарурат бо аз нав шарҳу эзоҳ додани ҳадафҳо ва саволҳои аудит.
(ISSAI 3000/112)

**РОҲНАМО**

78) Аудити самаранок як қатор равандҳои таҳлилиеро дар бар мегирад, ки ба туфайли ҳамкории дутарафа тадриҷан рушду инкишоф карда, имкон медиҳад, ки масъалаҳо ва равишҳои дахлдор амиқ ва муфассал карда шаванд. Тамоми ин раванд ба таври зич бо тартиб додани ҳисоботи аудиторӣ алоқаманд аст. Ҳисоботро метавон ҳамчун муҳимтарин қисмати раванди таҳлилӣ баррасӣ намуд, ки бо посуххо ба ҳадафҳо ва саволҳои гузошташуда ба поён мерасад (ниг. "Ҳисобот" поёнтар).

79) Ҳамин тариқ метавон қадамҳои таҳлилиро оиди ноил шудан ба натиҷагириҳои аудит тасвир намуд:

| | |
|---|---|
| 1 | Меъёрҳои аудит - "чӣ бояд бошад" |
| 2 | Маълумотҳои аудиторӣ - "чӣ ҳаст" |
| 3 | Натиҷаҳои аудит - "чӣ ҳаст" дар муқоиса бо "чӣ бояд бошад" |
| 4 | Сабабҳо ва оқибатҳои натиҷаҳо муайян карда шаванд |
| 5 | Таҳия намудани хулосаҳои аудиторӣ тибқи саволҳо ва ҳадафҳо. |

80) Қадами 1 - муқаррар намудани меъёрҳои аудит, ки дар марҳалаи банақшагирӣ иҷро карда мешавад. Марҳалаи 2 - ҷамъоварии маълумотҳо ва арзёбии он, ки оё онҳо кифоякунанда ва бамаврид ҳастанд ё не (ниг. фасли "Маълумотҳо" дар боло).

81) Марҳалаи 3 - замоне, ки аудитор маълумотҳоро барои додани посух ба ҳадафҳо ва саволҳои аудит истифода менамояд. Ҳангоми муқоиса намудани меъёрҳо бо вазъияти воқеӣ натиҷаҳои аудит шакл мегиранд.

82) Қадами 4: пас аз он, ки аудитор байни “чӣ бояд бошад” ва “чӣ ҳаст” инҳироф, яъне дур рафтанро муайян мекунад, ба ӯ тавсия дода мешавад, он ҷое, ки имкон дорад, муайян кунад, ки чаро инҳироф, яъне дур рафтан ба миён омад (сабаб) ва оқибатҳои он чӣ гуна ҳастанд…

83) Дар марҳалаи 5 аудитор ба хулосае меояд, ки он бар натиҷаҳои дарёфтшуда асос ёфтааст. Шарҳу эзоҳ додани натиҷагириҳо

метавонад ба дараҷаи боло мулоҳизаи касбӣ ва тафсири аудиторро талаб кунад, то ки ба саволҳои аудит посух дода, ҳадафҳои он тавзеҳ дода шаванд. Қабл аз натиҷагирӣ бояд заминаю матн, ҳамаи далелҳои дахлдор ва ҳамчунин нуқтаҳои назари гуногун мавриди баррасӣ қарор гиранд. Тавсия мешавад, ки ба ин кор роҳбарияти МОА ҷалб карда шавад (ниг. "Назорати сифат" дар GUID 3910).

## » НОИЛШАВӢ БА НАТИҶАҲОИ АУДИТ

84) Натиҷаҳои аудит - ин натиҷаҳои таҳлил ва арзёбии маълумотҳои мушаххас ва робитаи онҳо бо меъёрҳои аудит аст. Минбаъд натиҷаҳои дарёфтӣ барои посух додан ба саволҳои аудит истифода мешаванд, ки дар навбати худ барои тартиб додани натиҷагириҳо тибқи ҳадафҳо асос мебошанд (ниг. "Намунаи матритсаи лоиҳавӣ" дар фасли "Банақшагирӣ" дар боло). Натиҷаҳои аудит маъмулан унсурҳои зеринро дар бар мегиранд: меъёрҳо ("чӣ бояд бошад"), маълумотҳо ("чӣ ҳаст"), сабабҳо ("чаро инҳироф, яъне дур шудан аз меъёрҳо вуҷуд дорад") ва оқибатҳо ("оқибатҳо чӣ гуна ҳастанд").

85) Риоят намудан ё барзиёд будани ин меъёрҳо метавонад аз "амалияи муносиб", ки ба нишондиҳандаҳои хуб бурда мерасонад, гувоҳӣ диҳад. Риоят накардани ин меъёрҳо чунин маъно хоҳад дошт, ки зарурати беҳбудиҳо ҷой дорад.  Аммо интизор доштани он, ки натиҷаҳои фаъолияти объекти аудит нисбати сарфанокӣ, самаранок ва натиҷанокӣ ҳамеша бо ин меъёрҳо мутобиқат хоҳанд дошт, ғайривоқеӣ аст. Фаҳмидани ин маврид муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои қаноатбахш маънои иҷрои комилу пурраро надорад, балки бар он асос ёфтааст, ки шахси оқил бо дарназардошти ҳолатҳои объекти аудит чиро интизор дошт. Илова бар он, меъёрҳо на ҳамеша метавонанд ба таври воқеӣ пурра иҷро гарданд. Масалан, ин маврид метавонад дар заминаи баъзе аз созишномаҳои байналмилалӣ, ки пурра риоят намудани онҳо дарояндаи кӯтоҳмуддат ё миёнамуддат душвор аст, вуҷуд дошта бошад. Дар ин робита "нишондиҳандаҳои қаноатбахш" метавонанд ҳамчун ноилшавӣ ба чизе, ки метавонад воқеан барои беҳбудии тадриҷии вазъият дар самти иҷрои меъёрҳо ба даст ояд, фаҳмида шавад. Ин чунин маъно дорад, ки новобаста ба он, ки оё объекти аудит бо ин

меъёрҳо мутобиқат дорад ё не, аудитор ҳамчунин бояд аҳамиятнокиро дар назар гирад ва ҳангоми тафсири он, ки ин маврид чӣ гуна ба фаъолияти объекти аудит таъсир мегузорад, мулоҳизаи касбиро ба кор барад.

86) Аксари аудитҳо навъи муайяни таҳлилро дар бар мегиранд, то ки мавриде, ки баррасӣ мегардид, фаҳмида шавад ё шарҳу тавзеҳ дода шавад. Ҳангоми таҳлили иттилооти ҷамъоваришуда тавсия мешавад, ки аудитор таваҷҷуҳи худро рӯи саволҳо ва ҳадафҳои аудит тамаркуз диҳад. Ин имкон медиҳад, ки маълумотҳо ба низому тартиб дароварда шаванд ва ҳамчунин мавзӯи таҳлил таъмин гардад. Вобаста ба ҳадафи аудит ва навъҳои истифодашавандаи маълумотҳо доираи васеи моделҳо ва равишҳои таҳлил мавриди истифода қарор мегирад. Тақрибан ҳамаи аудитҳо шаклҳои гуногуни таҳлили ҳуҷҷатҳоро дар бар мегиранд. Вобаста ба миқдори ҳуҷҷатҳо ва меъёрҳое, ки мавриди таҳлил қарор мегиранд, таҳлил метавонад дар ҷузъиёт тағйирпазир бошад. Аксари аудитҳо ҳамчунин мусоҳибаҳо бо объекти аудит ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро дар бар мегиранд. Онҳо метавонанд бо чандин тарзу равишҳо вобаста ба ҳадафи мусоҳиба анҷом гиранд - мусоҳибаи сохторсозишуда метавонад барои таҳлили амиқ асос бошад, дар ҳоле, ки мусоҳиба бо расмияти камтар метавонад барои омӯхтани фикру андешаҳои объекти аудит ҳамчун асос ба кор бурда шавад. Ғайр аз ин, навъҳои гуногуни равишҳои оморӣ метавонанд барои таҳлили ҳаҷмҳои калони маълумотҳо истифода шаванд - аз появӣ то ба равишҳои нисбатан пешрафта - вобаста ба навъи маълумотҳои истифодашаванда. Дар тамоми аудитҳо замоне, ки натиҷаҳо ва хулосаҳо мавриди арзёбӣ ва таҳия қарор мегиранд, муҳокима дар гурӯҳ ва бо ҳамкорону роҳбарият саҳми муҳиммеро таъмин мекунад. Ниҳоятан, муҳокимаҳо бо объекти аудит ва дар баъзе ҳолатҳо бо фокус-гурӯҳ метавонанд барои аудитор дар ин марҳалаи аудит саҳми арзишдореро таъмин намоянд.

**Блоки 6**

| |
|---|
| Намунаҳои баъзе равишҳо ва моделҳои гуногуни таҳлил<br>a) Таҳлили омории маълумотҳо<br>b) Таҳлили ҳуҷҷатҳо ва далелҳои шайъӣ<br>c) Таҳлили низомбандишудаи мусоҳиба |

d) Мутолиаи ҳуҷҷатҳо ва далелҳои шайъӣ

e) Муҳокимаҳо дар чаҳорчӯби гурӯхи аудиторӣ, бо ҳамкорони ботаҷриба ва роҳбарият

f) Муҳокима бо объекти аудит

g) Муҳокимаҳо бо фокус-гурӯҳҳо

87) Таҳлил гоҳе метавонад ҳамчунин муқоисаи натиҷаҳоро талаб кунад, масалан:

a) таҳлили муқоисавии донишкадаҳои гуногун - донишкадаҳо бо муваффақияти камтар метавонанд аз донишкадаҳо бо муваффақитяи бештар омӯзиш гиранд ва ҳамчунин

b) муқоисаи соҳаи аудит бо соҳаи мушобеҳи аудит дар кишвари дигар ё дар юрисдиксияи дигар.

## » МУАЙЯН КАРДАНИ САБАБҲО ВА ОҚИБАТҲОИ НАТИҶА

88) Агарчанде шарҳу эзоҳ додани инҳироф, яъне дур шудан аз меъёрҳо, муҳим аст, сабабҳои он бояд бо эҳтиёт пешниҳод карда шаванд. Онҳо бояд бо маълумотҳои аудитории кифоякунанда ва лозима тақвият дода шаванд. Дар назар гирифтани фикру андешаҳои объекти аудит оиди сабабҳои пайдо шудани масъалаҳо ё камбудиҳо дар кор муҳим аст. Агар чунин андешаҳо бар далелҳои аудитории кифоякунанда ва лозима асос наёфта бошанд, аудитор наметавонад бешакку шубҳа чунин ҳисобад, ки онҳо мутобиқаткунанда ё дуруст ҳастанд. Агар андешаи объекти аудит бо далелҳо ба қадри кофӣ тақвият дода нашуда бошад, вале тибқи мулоҳизаи касбии аудитор асоснокшуда бошад, аудитор метавонад оид ба пешниҳод намудани андешаи объекти аудит дар ҳисобот тасмим гирад.

89) Ба аудитор тавсия мешавад, ки оқибатҳои эҳтимолии риоят накардани меъёрҳоро муайян кунад. Агар ин имкон дошта бошад, ҳангоми ошкор намудани оқибатҳо вазъияти воқеӣ бояд бо ҳолати идеалӣ, ки дар он ин меъёрҳо риоят карда мешуданд, муқоиса карда шавад. То ҳадди муайян ин оқибатҳои эҳтимолӣ дар марҳалаи пештар ба ҳайси ангеза ҷиҳати гузаронидани аудити ҳамин масъалаи мушаххас мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд.

90) Ин оқибатҳоро мешуд ҳамчун ҳодисае, ки аллакай рӯй додааст ва ё ҳамчун таъсири эҳтимолии оянда, ки бар мулоҳизаҳои мантиқӣ асос ёфтааст, баррасӣ намуд. Хусусияти натиҷаҳо муайян мекунад, ки оё аудитор метавонад оқибатҳои воқеӣ ё эҳтимолиро пешниҳод намояд ё не. Оқибатҳои воқеии шароити пешина ё ҷорӣ имкон медиҳанд, ки оқибатҳо намоиш дода шаванд ва дар маҷмӯъ онҳо барои зарурати амалисозии чораҳои ислоҳкунанда асос медиҳанд. Оқибатҳои эҳтимолӣ маъмулан ҳамчун оқибатҳои мантиқие тавсиф карда мешаванд, ки метавонанд рӯй диҳанд, агар маълумотҳо бо ин меъёр мутобиқат надошта бошанд. Натиҷаҳои эҳтимолӣ то ҳадди муайяне ҷаллобӣ ҳастанд, бинобар ин аудитор бояд онҳоро бо эҳтиёт истифода намояд, бахусус дар ҳолати вуҷуд надоштани маълумотҳои алоқаманд ё натиҷаҳои мушоҳидашавандаи гузашта.

91) Муҳим он аст, ки аудитор робитаи мутақобилаи байни сабаб ва натиҷа (оқибат)-ро таҳқиқ намуда, таваҷҷуҳи худро ба имкони он, ки дигар омилҳои берунӣ метавонанд ба натиҷаи мушоҳидашаванда таъсир гузоранд, тамаркуз диҳад. Эхтимолан, зарурати истифода намудани равишҳои такмилёфтаи таҳлилӣ ба миён меояд, то ки ба саволҳо оиди сабабҳо ва натиҷаҳо (оқибат) посух дода шавад.

## Блоки 7

Фаҳмидани хусусияту хислати ҳама гуна муносибатҳо, ки метавонанд байни сабаб ва натиҷа вуҷуд дошта бошанд, муҳим аст. Масалан, на ҳамеша маблағгузории бад боиси бад шудани шароити зиндагӣ мегардад. Шояд маҳз ба хотири сифати пасти кумаки тиббӣ маблағгузории ин ё он сомзони мушаххас қатъ гардида буд. Ҳангоми таҳқиқи дақиқи маълумотҳо аудитор бояд дар ёд дошта бошад, ки сабабҳои зиёде барои мавҷуд будани муносибатҳо вуҷуд доранд:

a) Дар ин ҷо метавонад *муносибати мустақими сабаб ва натиҷа* ҷой дошта бошад. Масалан, агар донишгоҳ ҳар сол теъдоди муайяни донишҷӯёнро қабул кунад ва қабули донишҷӯёни ғоибхонро афзоиш диҳад, вай бояд қабули донишҷӯёни ғоибхони бо рӯзи пурраи корӣ кам кунад.

b) Дар ин ҷо метавонад *муносибати баргашти сабабу натиҷа* ҷой дошта бошад. Масалан, натиҷаҳои бади имтиҳонҳо метавонад ба хотири ҳузури бади донишҷӯён дар дарсҳо ҷой дошта бошад, вале ба андозаи баробар ҳузури бади донишҷӯён метавонад ба хотири натиҷаҳои бади имтиҳонот ҷой дошта бошад.

c) Ин муносибатҳо метавонад танҳо як *тасодуф* бошанд. Масалан, байни сифати

хизматрасонии тиббӣ дар мақомоти маҳаллӣ ва натиҷаҳои имтиҳонот дар ҳамон як соҳа метавонад муносибате вуҷуд дошта бошад, вале гуфтани он, ки яке сабаби дигарӣ шудааст, душвор аст.

d) Метавонад *таъсири таҳрифкунанда* ҷой дошта бошад. Масалан, робитаи мутақобила байни сифати хизматрасонии тиббӣ ва натиҷаҳои имтиҳонот метавонад вобаста ба истифодаи самарбахши захираҳо дар чаҳорчӯби мақомоти маҳаллии ҳокимият бошад, ки эҳтимолан дар чаҳорчӯби корҳои саҳроӣ баррасӣ нагардидаанд.

## » ТАҲИЯИ НАТИҶАГИРИҲО БАЪД АЗ БАРРАСИИ НАТИҶАҲОИ ДАРЁФТШУДА

92) Баъд аз он, ки аудитор натиҷаҳоро муқаррар намуд ва муайян кард, ки чаро меъёрҳо риоят намешаванд (сабабҳо) ва ҳамчунин оқибатҳои эҳтимолиро мушаххас намуд, ӯ омода аст, ки натиҷагирӣ кунад. Натиҷагириҳо - ин изҳороте аст, ки аз ҷониби аудитор дар асоси он натиҷаҳо баён шудааст. Азбаски аудити самарбахшии фаъолият ба норасоию камбудиҳо дар ҷанбаҳои сарфанокӣ, самаранок ва/ё натиҷанокӣ ишора мекунад, дар натиҷагириҳо бояд сабабҳое, ки ба хотири онҳо ҷанбаҳои сарфанокӣ, самаранок ё натиҷанокӣ ба ҳадди пурра қонеъ гардонда намешаванд, нишон дода шаванд.

93) Натиҷагириҳои аудит ба натиҷаҳои мушаххасе, ки дар ҳисобот қайд карда шудаанд, равшанӣ андохта, ба онҳо мазмуну маънӣ мебахшанд. Натиҷагириҳо - ин хулосаи аудитор аст, ки аз чаҳорчӯби такрори соддаи натиҷагириҳо берун меравад. Дар ҳоле, ки натиҷаҳои аудит бо роҳи муқоисаи "чизе, ки бояд бошад" тибқи меъёрҳо бо далелҳои аудиторӣ (аз он ҷумла далелҳои таҳлилӣ) аз рӯи он, ки "чизе, ки ҳаст" муайян карда мешаванд, натиҷагириҳо низ шарҳу тавзеҳот ва андешаҳои аудиторро, ки бар ин натиҷагириҳо асос ёфтаанд, инъикос мекунанд. Натиҷагириҳо метавонанд муайян кардани мавзӯи умумӣ ё қонунияти муайянеро дар натиҷаҳо дар бар гиранд. Зимнан метавонад масъалаи амиқ, ки натиҷаҳои дарёфтиро шарҳ медиҳад, ошкор карда шавад.

94) Натиҷагириҳо бояд ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои дарёфтӣ, масъалаҳо ё камбудиҳо дар кор ва сабабу оқибатҳои онҳо бароянд. Тамоми қадамҳои таҳлилие, ки ғайр аз натиҷаҳо анҷом дода шудаанд, бояд возеҳу равшан шарҳ дода шуда, асоснок карда шаванд.

95) Ҳангоми тартиб додани натиҷагириҳо аксаран зарурати дубора баргаштан ба таҳлили маълумотҳо ва натиҷаҳои аудит ба миён меояд, то ки боварию итминон ҳосил шавад, ки хулосаҳо бар асосҳои қавию

мустаҳкам такя кардаанд. Таҳлили маълумотҳо аз якҷояву муттаҳид кардани натиҷаҳо аз навъҳои гуногуни манбаъҳо иборат аст. Ҳамон тавре, ки қаблан таъкид карда шуд, равишҳое мухталифе вуҷуд доранд, ки метавон онҳоро дар ин таҳлил истифода намуд. Дар аудити самарбахшие, ки дуруст гузаронида шудааст, далелҳои пешниҳодшаванда бо далелҳои беҳтарини эҳтимолии мутақобил мувозина карда шуда, нуқтаҳои назари муқобил бошад бо ҳамдигар муқоиса карда мешаванд. Натиҷагириҳо бояд бар меъёрҳо, далелҳо ва натиҷаҳои айниву холисона асос ёфта бошанд..

96) Ҳангоми тартиб додани хулосаҳо аудитор бояд ба таври муназзам онҳоро дар асоси далелҳои исботкунанда бисанҷад. Хулосаҳое, ки бо далелҳои навъҳои гуногун тақвият дода шудаанд, яқинан аз он хулосаҳое, ки танҳо бо як манбаи далелҳо асоснок карда шудаанд, боасостар хоҳанд буд.

97) Дар раванди таҳияи натиҷагириҳо аудиторро лозим меояд, ки саволи аудитро ислоҳ кунад ё каме тағйир диҳад, дар ҳолатҳои нодир бошад ҳатто ҳадаф (ҳадафҳои) аудитро ислоҳ ё тағйир диҳад. Эхтимолан, як каме ислоҳ кардани саволи аудит замоне лозим мешавад, ки дар рафти таҳлил равшан мегардад, ки дар асоси далелҳо ва натиҷаҳои дарёфтшуда дақиқу дуруст ба савол посух додан имконнопазир хоҳад буд. Аммо дар мавридҳои идеалӣ ин гуна масъалаҳо дар марҳалаҳои аввалияи раванди аудит ошкор гардида, ислоҳоти лозима ворид карда шуда буд. Агар ба ислоҳияҳо зарурат бошад, онҳо бояд мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳам дар дохил ва ҳам ба объекти аудит расонида шаванд.

98) Муҳим он аст, ки аудитор мақсаддору ҳадафманд бошад, ба таври муназзаму мураттаб, бо диққати том, беғаразонаву холисона кор кунад ва ҳамчунин ҳангоми таҳлили маълумотҳо мулоҳизаи касбиро татбиқ намояд. Бениҳоят муҳим ин аст, ки аудитор муносибати интиқодӣ зоҳир намуда, аз иттилооти пешниҳодшуда фосилаи воқеиро нигаҳ дорад. Дар айни замон аудитор бояд нисбати фикру андешаҳо ва далелҳо таъсирпазир бошад. Аудитор бояд тавоноии дидани чизҳоро аз нуқтаҳои назари гуногун дошта бошад, ба нуқтаҳои назари гуногун ва далелҳо бо чашми боз ва воқеӣ нигоҳ кунад. Аудиторе, ки таъсирпазир нест, метавонад ба беҳтарин далелҳо таваҷҷуҳ накунад ва онҳоро аз даст диҳад. Ин мавридҳамчунин муҳим будани арзёбии оқилонаро таъкид мекунад, зеро ки аудитор афзалиятҳои шахсии худ ва нафарони дигарро дар назар намегирад. Бинобар ин муҳим он аст, ки иштироки аудитор дар раванди фикру мулоҳиза ва таҳлили воқеӣ инъикос гардад, на ин

ки дар муътақид сохтану боварӣ ҳосил кунондан ба дурустии нуқтаҳои назари муайян (ниг. "Мулоҳизаи касбӣ ва шаккокӣ" дар в GUID 3910).

## » ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ АУДИТОРӢ ДАР МАРҲАЛАИ ГУЗАРОНИДАН

99) Зери назар гирифтани хавфҳои аудиторӣ ва стратегияҳои ба нақша гирифташавандаи паст кардани оқибатҳо дар муддати тамоми аудит ва дар сурати зарурат мувофиқ шудан бо ҳолатҳои тағйирёбанда муҳим аст. Банақшагирии хуб ба аудитор имкон медиҳад, ки ҳангоми гузаронидани аудит хавфи аудиториро идора намояд, зеро ӯ ҳодисаҳо ва сенарияҳои гуногунро хоҳад навишт. Масалан, агар тартибу қоидаҳои ҷамъоварии маълумот барои гурӯҳ ҷамъ овардани маълумотҳои кифоякунандаро имкон надиҳад, ба аудитор лозим аст, ки нақшаи дигари ислоҳи ин тартибу қоидаҳоро таҳия намояд ва ё дар сурати зарурат саволҳои аудитро, ки ба онҳо бояд посух дода шавад, ислоҳ намояд. Илова бар ин, аудитор ҳамеша бояд дар назар дошта бошад, ки оё хавфҳои аудиторӣ ба тарзе тағйир ёфтаанд, ки ин метавонад ба натиҷагириҳои нодуруст, иттилооти номутаносиб ё арзиши иловагӣ оварда расонад ё не. Дар ин робита тартибу қоидаҳои лозимаи назорати сифат аҳамият доранд.

## » ҲУҶҶАТҲО ДАР МАРҲАЛАИ ГУЗАРОНИДАН

100) Аудитор бояд аудитро ба шакли кифоякунанда, пурраву комил ва муфассал мутобиқи ISSAI 3000/86 ҳуҷҷатнок намояд. Омодасозии сари вақтии ҳуҷҷатҳои аудиторӣ имкон медиҳад, ки сифати аудит боло бурда шавад ва барои баррасии самарбахш ва арзёбии маълумотҳои дарёфтшудаи аудиторӣ ва натиҷаҳои ба даст омада то ба поён расидани ҳисобот мусоидат карда шавад. Азбаски бозсозӣ кардан ва ба ёд овардани амалҳои мушаххаси марбут ба ҷамъоварии маълумотҳои аудиторӣ баъди чанд ҳафта пас аз иҷрои воқеии корҳо мушкил аст, кор бояд ба қадри ба иҷро расидани он тавассути гурӯҳи аудиторӣ ҳуҷҷатнок карда шавад, то ки хавфи ҳуҷҷатҳои аудитории нодуруст коҳиш дода шуда, сифати аудит ва самарбахшии супориш боло бурда шавад.

101) Хусусиятҳо ва ҳаҷми ҳуҷҷатҳои аудиторӣ барои аудити мушаххас ба андозаи зиёд ба мулоҳизаи касбӣ, ки бар ҳолатҳои нодири ҳар як аудит асос ёфтааст, вобаста аст. Зимнан интизор меравад, ки аудитор

мавридҳои зеринро ҳуҷҷатнок менамояд:

a) ҳадафҳо, соҳаи фарогирӣ ва методологияи аудит; ва ҳамчунин

b) кори иҷрошуда ва маълумотҳои дарёфтшуда мулоҳизаҳо ва хулосаҳои муҳимро таъйид менамоянд.

## » МУҲОКИМАИ НАТИҶАҲО ВА ХУЛОСАҲОИ ПЕШАКӢ - ДОХИЛӢ ВА БЕРУНӢ

102) Ба қадри идома ёфтани кор лоиҳаи ҳисобот тадриҷан шакл пайдо мекунад. Қайд ва шарҳу эзоҳҳо ба таври сохторсозишуда оварда мешаванд ва ба қадри рушду инкишофи мубоҳисаҳои дохилию берунӣ матни он тартиб дода шуда, арзёбӣ гардида, аз сари нав навишта мешавад, зимнан ҷузъиёт тафтиш карда шуда, натиҷагириҳо мавриди муҳокима қарор мегиранд. Дар раванди таҳлилӣ иртибот аҳамияти калон дорад, зеро аудитор қабл аз натиҷагириҳои ниҳоӣ бояд матн, тамоми далелҳои дахлдор ва ҳамчунин нуқтаҳои назари гуногунро ба ҳисоб гирад. Ба ҳамин сабаб аудиторро лозим меояд, ки бо объекти аудит ва ҷонибҳои дахлдори манфиатдор иртиботи самарбахш ва зарурироро баркарор намояд.

103) Муҳокимаҳои дохилӣ бо аудиторони калон ва ҳамкорони ботаҷриба метавонанд ба аудитор дар раванди таҳлилӣ, санҷидани натиҷаҳо ва арзёбии натиҷаҳои пешакию хулосаҳо кумак кунанд.

104) Дар берун зарурати мубодилаи иттилоот барои муҳокимаи масъалаҳои асосие, ки дар рафти аудит ба миён меоянд, вуҷуд дорад. Дар ин марҳала бояд иқдом намуд, ки асоси воқеии тавсифҳо дақиқу одилона ва натиҷаҳои таҳлил ҳамаҷониба бошанд ва сабабҳои мушкилоту масъалаҳои ошкоршударо дар назар гиранд. Зарур аст, ки далелҳои гуногун ва натиҷаҳо барои дурнамо пешниҳод карда шаванд. Мулоқотҳо бо объекти аудит метавонанд ҳамчун таъйиди воқеиятҳо хизмат намуда, ба таҳияву коркарди натиҷаҳо ва тавсияҳои аудит мусоидат намоянд.

105) Баргузор намудани мулоқотҳо бо роҳбарони олӣ ё дигар шахсони мансабдори давлатӣ амалияи маъмулӣ аст. Боз як амалияи маъмулӣ ташкил намудани намудани фокус-гурӯҳҳо аст, ки дар онҳо ҷонибҳои мухталифи манфиатдор ва экспертҳо барои муҳокимаи натиҷаҳои пешакӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо даъват карда мешаванд. Имкони

муҳокимаи масъалаҳои гуногун бо иштироки тамоми ҷонибҳои асосӣ арзиши аудитро боло мебарад (ниг. "Иртибот" дар GUID 3910).

# 4
# ҲИСОБОТ



106) Ин фасл шомили талаботҳо ва тавсияҳо оид ба ҳисоботи аудити самаранок мебошад. Ҳадафи ин талаботҳо аз он иборат аст, ки низоми умумӣ барои паҳн кардани иттилоот оиди натиҷаҳои аудити самаранок сохта шавад. Талаботҳои мазкур ба шакли ҳисобот, мундари ҷаи ҳисобот ва ҳамчунин нашр ва паҳнкунии ҳисобот дахл дахл доранд.

107) Ҳадафи ҳисоботи аудиторӣ аз он иборат аст, ки (1) натиҷаҳои аудит ба огоҳии истифодабарандаи эҳтимолӣ расонида шаванд; (2) натиҷаҳо камтар таҳти таъсири ғалатфаҳмиҳо қарор гиранд; (3) натиҷаҳо барои аҳли ҷомеа бо мақсади таъмини шаффофият дастрас бошанд, агар ин маврид ба таври махсус бо қонунгузорӣ маҳдуд карда нашуда бошад; ва (4) фаъолияти минбаъда барои муайян кардани он, ки оё чораву тадбирҳои ислоҳкунандаи дахлдор анҷом шуда буданд ё не, осон карда шавад.

## » МУНДАРИҶАИ ҲИСОБОТ

**Талаботҳо тибқи ISSAI 3000:**

Аудитор бояд ҳисоботҳои аудиторие пешниҳод кунад, ки a) ҳамаҷониба, b) боэътимод, c) саривақтӣ, d) барои мутолиа мусоид ва e) мутаносиб бошанд ***(ISSAI 3000/116).***

Аудитор бояд дар ҳисобот меъёрҳои аудит ва манбаъҳои онҳоро муайян кунад ***(ISSAI 3000/122).***

Аудитор бояд боварию итминон пайдо кунад, ки натиҷаҳои дарёфтшуда ба таври дақиқ бо ҳадафҳои аудит ва/ё саволҳо мутобиқат доранд ё шарҳ диҳад, ки ба чӣ сабаб ин маврид имконнопазир буд **(ISSAI 3000/124).**

## РОҲНАМО

108) Ҳисоботҳо оида ба аудити самаранок барои беҳтар намудани донишҳо равона шуда, беҳбудиҳои заруриро таъкид менамоянд. Ҳангоми гузаронидани аудити самаранок аудитор дар бораи сарфанокӣ ва самаранок, ки бо он захираҳо ба даст оварда шуда, мавриди истифода қарор мегиранд ва ҳамчунин оиди натиҷабахшии ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда ҳисобот медиҳад. Ин гуна ҳисоботҳо аз лиҳози ҳаҷм ва хусусиятҳо метавонанд хеле тағйирпазир бошанд, масалан, саволро оиди ин, ки оё захираҳо дуруст истифода шуда буданд ё не, фаро гиранд,

таъсири сиёсат ва барномаҳоро тафсир кунанд, тағйиротеро, ки барои беҳбуди вазъият равона шудааст, тавсия диҳанд.

109) Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи аудиторӣ бениҳоят муҳим он аст, ки гурӯҳи аудиторӣ, роҳбарон ва экспертҳо оид ба назорати сифат хулосаҳои марбут ба натиҷаҳои аудит, далелҳо, маълумотҳо ва меъёрҳои аудитро аз нуқтаи назар интиқодӣ баррасӣ намоянд. Тавсияҳо, агар дода шаванд, бояд бо натиҷаҳо ва хулосаҳо мутобиқ карда шаванд. Ҳамчунин тартибу қоидаҳои лозима оид ба мувофиқат ва таъйиди воқеиятҳо бо объекти аудит низ муҳим аст.

***Навиштани ҳисоботҳои муфассал***

110)Муҳим он аст, ки ҳисобот барои ба тарзи мутаносиб ва дуруст фаҳмидани саволҳо ва шартҳо, ки таваҷҷуҳи тафтишот рӯи он тамаркуз дода шудааст, мусоидат намояд. Барои тартиб додани ҳисоботи ҳамаҷониба аудитор маъмулан тавсифи ҳадафҳои аудит, соҳаи фарогирӣ ва методологияро, ки ҷиҳати ҳаллу фасл намудани ҳадафҳо ва масъалаҳои аудит истифода мешаванд, дохил менамояд. Хонандагон ба ин иттилоот ниёз доранд, то ки ҳадафҳои аудит, хусусиятҳо ва ҳаҷми кори аудитории иҷрошуда ва ҳамчунин матн ва дурнамои онро, ки хабар дода мешавад, фаҳманд ва дарк кунанд.

111)Хонандагон ҳамчунин бояд донанд, ки оё нисбати ҳадафҳои аудит, соҳаи фарогирӣ, методология ё маълумотҳои ҷамъоваришуда ин ё он маҳдудияте вуҷуд дорад ё не, то ки онҳо тавонанд ба гумроҳӣ андохта нашуда ба таври оқилона натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои зикршуда дар ҳисоботро тафсир кунанд

112)Дар ҳисобот аудитор маъмулан фарзу тахминҳои муҳимро, ки ҳангоми гузаронидани аудит карда шудааст, муайян карда, равишҳо ва меъёрҳои мавриди истифода, аз он ҷумла манбаъҳои онҳоро тавсиф менамояд. Аудитор бобати муайян кардан ва шарҳу тавзеҳ додани меъёрҳое, ки дар ҳисоботи аудиторӣ ба кор бурда мешаванд масъулияти пурра ба зимма дорад (“Маълумотҳои иловагӣ оид ба меъёрҳо”; ниг. дар фасли "Банақшагирӣ" дар ҳамин GUID).

113) Аудитор метавонад маълумотномаро пешниҳод намояд, то ки матн барои огоҳии умумӣ муайян карда шуда, ба хонанда ҷиҳати фаҳмидани натиҷаҳо ва аҳамияти масъалаҳои муҳокимашаванда кумак карда шавад. Маълумотномаи дахлдор метавонад иттилоот оиди он, ки барномаҳо ва амалиётҳо чӣ гуна кор мекунанд, аҳамияти барнома ва амалиётҳо, тавсифи уҳдадориҳои объекти аудит ва шарҳу тавзеҳи истилоҳотро дар бар гиранд.

114) Аз ҳама асосӣ он аст, ки барои тартиб додани ҳисоботи ҳамаҷониба аудитор бояд далелҳои кифоякунанда ва лозимаро, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои марбут ба ҳадафҳои аудитро таъйид мекунанд, пешниҳод намояд.

***Навиштани ҳисоботҳои боэътимод***

115) Дар ҳисоботи боэътимод натиҷаҳо ва хулосаҳо ба ҳадафҳою саволҳои аудит равона шуда, ба таври эътимодбахш ва воқеӣ пешниҳод шудаанд. Ҳисобот дорои ҷараёни мантиқӣ бо натиҷаҳо, натиҷагириҳо ва тавсияҳое мебошад, ки возеҳу равшан бо ҳадафҳо, саволҳо ва меъёрҳои аудит алоқаманд ҳастанд. Илова бар он, хулосаҳо ва тавсияҳо мантиқан аз натиҷаҳои аудит ва воқеияту далелҳои пешниҳодшуда бармеоянд. Ҳисоботи боэътимод ҳамчунин бояд дақиқ бошад. Ҳисоботи дақиқ бар воқеиятҳо, бо қайд намудани манбаъҳо, равишҳо ва фарзу тахминҳо асос ёфтааст, то ки истифодабарандагони ҳисобот тавонанд ҳукму қазоват намоянд, ки далелҳо ва натиҷагириҳои пешниҳодшуда то чӣ андоза муҳим ва қонеъкунанда ҳастанд. Забон ва оҳанги навишт бояд бетарафона бошад, иттилооти пешниҳодшуда кифоякунанда бошад, то ки хонандагон дар ҳақиқӣ будани натиҷаҳо, асоснок будани хулосаҳо ва афзалиятҳои амалисозии тавсияҳо бовар кунонда шаванд. Зимнан бояд нуқтаҳои назари гуногун, фикру андешаҳо ва далелҳо пешниҳод карда шаванд.

116) Яке аз равишҳои кумак кардан ба аудитор дар омода намудани ҳисоботҳои аудитории боэътимоду дақиқ ба кор ҷалб кардани мутахассис оид ба назорати сифати супориш мебошад. Ин аудитори ботаҷрибае аст, ки ба аудит вобастагӣ надорад ва дурустии баён шудани воқеиятҳо, рақамҳо ва санаҳоро тафтиш мекунад, месанҷад, ки натиҷагириҳо ба таври лозима бо далелҳои қайдшуда дар ҳуҷҷатҳои аудит таъйид мегарданд ва натиҷаҳою тавсияҳо мантиқан аз далелҳо бармеоянд.

***Навиштани ҳисоботҳои саривақтӣ***

117)Маърӯза бояд шомили иттилооти дастрас, кӯтоҳ ва муҳимму рӯзмарра бошад, ки онро ҳукумат, мақомоти қонунгузор ва объектҳои аудит метавонанд барои беҳбуд бахшидани кор истифода намоянд. Барои ба ҳадди аксар муфиду судманд будан ҳадафи аудитор аз он иборат аст, ки далелҳои дахлдор ҷиҳати қонеъ намудани талаботҳои қонунии истифодабарандагони эҳтимолӣ сари вақт пешниҳод карда шаванд. Ба таври мушобеҳ, далелҳои дар ҳисобот пешниҳодшуда муфидтар ҳастанд, агар онҳо ба масъалаҳои ҷорӣ дахл дошта бошанд. Баъзе аз МОА бо муқаррар намудани санаҳои мушаххас барои пешниҳоди ҳисобот, ки бо маҷлисҳои мақомоти қонунгузор рост меоянд, мӯҳлатҳои кори худро таҳти назорат қарор медиҳанд. Бинобар ин санаи пешниҳод намудани хулосаи аудиторӣ пешакӣ муайян карда мешавад. Дар дигар ҳолатҳо МОА метавонанд дар муайян кардани мӯҳлатҳои ниҳоӣ бо дарназардошти талаботҳои истифодабарандагони эҳтимолӣ ва мӯҳлатҳои беҳтарин барои интишори ҳисоботи аудиторӣ дорои нармишу инъитофпазирии бештаре бошанд.

118)Дар рафти аудит аудитор метавонад ба объекти аудит ҳисоботҳои мобайнӣ оид ба масъалаҳои муҳимро пешниҳод намояд, агар ин маврид бо мандати МОА иҷозат дода шуда бошад. Ин гуна хабар объекти аудитро оиди масъалаҳое, ки диққату таваҷҷуҳи фавриро талаб мекунанд, огоҳ месозад ва имкон медиҳад, ки то ба анҷом расидани ҳисоботи ниҳоӣ чораҳои ислоҳкунанда амалӣ карда шаванд (ниг. "Иртибот" дар GUID 3910).

### *Навиштани ҳисоботҳои барои мутолиа мусоид*

119) Барои ба таври самарбахш илова намудани арзиш муҳим он аст, ки ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои аудити самаранок возеҳу равшан, кӯтоҳ, мантиқӣ ва ба соҳаи мушаххаси тамаркуздодашуда мавзӯӣ бошанд. Ҳисоботҳо, эҳтимолан, дар ҳолате ба мутолиакунандагони доираи васеъ бештарин таъсирро мерасонанд, агар барои хондан роҳату осон бошанд.

### *Қонеъ намудани талаботҳои хонандагон*

120)Омили калидии муваффақият ҷиҳати ҳисоботи барои хонанда мусоид ин муайян кардани доираи хонандагон ва фаҳмидани талаботҳои онҳо мебошад. Доираи асосии хонандагони ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои аудити самаранок - ин мақомоти қонунгузор ва муассисаҳои давлатӣ мебошанд. Аммо дигар ҷонибҳои манфиатдор низ ҳастанд, ба монанди

шаҳрвандон, маҳфилҳои илмӣ, бахши хусусӣ ва васоити ахбори омма, ки метавонанд манфиат дошта бошанд, вале, эҳтимолан дар дигар самти натиҷаи аудити самаранок.

*Сохтори самарбахши ҳисобот*

121)Дар оғози тартиб додани ҳисоботи аудиторӣ муайян кардани лоиҳаи сохторе, ки ташкил ва равонии матнро осон мекунад, муҳим аст. Сохтори самарбахш ба ҳисобот имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб кунад, ҳадафҳои аудит ва саволу масъалаҳои мураккабро расонад ва тафсири равшану возеҳи натиҷаҳоро таъмин намояд. Истифода бурдани равиши “Шабнишинӣ” ба аудитор имкон медиҳад, ки ҳисоботи барои хонанда мусоидро тартиб диҳад. Равиши “Шабнишинӣ” мушобеҳи ҳолати воқеӣ дар шабнишинӣ аст - замоне, ки фақат як фурсати кӯтоҳи вақт барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи дигар меҳмонон вуҷуд дорад. “Шабнишинӣ” баъд аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо мегузарад ва ҳадафи он аз ин иборат аст, ки оиди ҳисобот хулосаҳои равшану возеҳ ва ҷолибу шавқовар, ки онҳоро метавон дар муддати 10-15 сония шарҳу тавзеҳ дод, пешниҳод шавад ва дар ин асос сатҳҳои бештари тафсил сохта шавад.

**Блоки 8**

Маслиҳатҳо барои тартиб додани ҳисоботе, ки ба таври мусоид хонда мешавад:

a) Боварӣ пайдо кунед, ки мундариҷаи ҳисобот аз ҳадаф (ҳадафҳои) аудит бармеояд ва хонанда барои фаҳмидани мавзӯъ иттилооти кифоякунанда дарёфт менамояд.

b) Бо кумаки сарлавҳа матнро тақсим кунед.

c) Дар банди асосии ҳар як фасл ва параграф ва дар он, ки вай чӣ гуна бо мавзӯи васеътари аудит мувофиқ меояд, возеҳу дақиқ бошед.

d) Ҳисоботи худро барои хондани мусоид бисозед, то ки вай назму тартибдодашуда ва кӯтоҳу мухтасар ба назар расад.

e) Аз истифодаи барзиёди истинодҳои буридагузаранда ва ихтисорҳо

ҷилавгирӣ намоед.

*Навиштани равшану возеҳ*

122) Ҳисоботи барои хонанда мусоид бояд равшану возеҳ бошад. Барои он, ки бештар равшану возеҳ гардад:

a) аз истифодаи лаҳҷаи хосу забони махсус (жаргон) ҷилавгирӣ намоед. Вақте, ки истилоҳоти техникӣ, илмӣ ё хориҷӣ ва ё ихтисорҳо талаб карда мешаванд, онҳо бояд шарҳу тавзеҳ дода шаванд. Агар шарҳу тавзеҳот дар луғат ё поварақиҳои барои ҷустуҷӯ мусоид оварда шаванд, барои хонанда муфиду судманд хоҳад буд;

b) аз думаъноӣ ҷилавгирӣ намоед;

c) барои фикр ё объекти мушаххас пай дар пай аз ҳамон як истилоҳ истифода намоед;

d) аз садои ғайрифаъол не, балки аз фаъол истифода намоед;

e) буррову фасеҳ бошед. Аз фасл, сарсатр ва ҷумлаҳои кӯтоҳ истифода намоед;

f) аз намунаҳое, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои аудитро намоиш медиҳанд, истифода намоед;

g) аз воситаҳои дидашаванда истифода намоед, то ки таваҷҷуҳ ба ҷиҳатҳои асосӣ ҷалб карда шавад. Аз рӯйхатҳо, ҷадвалҳо, намудору диаграммаҳо, харитаҳо ва дигар расму тасвирҳо истифода намоед, то ки ҳаҷмҳои мураккаб ва калони маълумотҳо пешниҳод карда шаванд. Ин маврид нисбат ба матни содда аксаран барои самарбахштар расондани хабар мусоидат мекунад. Аммо ҳангоми тартиб додани ҷадвалҳо ва тарҳу нақшаҳо соддагиро риоят намоед. Боварӣ итминон пайдо кунед, ки онҳо ҳамон як фикру андешаро тасвир мекунанд ва хонанда дарҳол метавонад ин андешаро дарк кунаду бифаҳмад.

***Навиштани ҳисоботҳои мутаносиб***

123) Коре, ки асоси ҳисоботи аудити самарбахширо ташкил медиҳад, бояд холисонаву беғаразона бошад ва натиҷаҳои умумӣ, хулосаҳо ва тавсияҳоро тақвият бахшад, то ки ҳадди аксари фоидаву самар ба даст оварда шавад. Аудитор бояд оқибатҳо/таъсири масъалаҳоро дар ҳисобот шарҳу тавзеҳ диҳад, зеро ин барои хонанда имкон медиҳад, ки аҳамияти масъала беҳтар фаҳмида шавад. Ин дар навбати худ, барои андешидани чораву тадбирҳои ислоҳкунанда мусоидат намуда, ба беҳбуди фаъолияти объекти аудит оварда мерасонад.

124)Ҳангоми омодасозии ҳисоботи мутаносиб ва созанда муфид аст, ки:

a) Натиҷаҳо ба таври айниву воқеӣ ва холисона пешниҳод карда шаванд. Воқеиятҳо бо истилоҳоти бетарафона баён ва тафсир карда шаванд, зимнан аз иттилооти боғараз ё забоне, ки метавонад аксуламали муҳофизакунанда ва муқовиматро барангезад, ҷилавгирӣ шавад.

b) Нуқтаҳои назар ва фикру андешаҳои гуногун пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолатҳое, ки тафсирҳои гуногуни далелҳо метавонанд ба таври қонунӣ анҷом дода шаванд, онҳо бояд барои таъмини беғаразӣ ва мутаносибӣ пешниҳод карда шаванд. Бо пайравӣ аз далелҳои асосӣ  хонанда метавонад хулосаҳои ниҳоӣ ва тавсияҳоро беҳтар бифаҳмад.

c) Барои он, ки ҳисобот комилу пурра бошад. Ҳисоботи пурра шомили ҳам ҷиҳатҳои хуб ва ҳам бад мебошад ва ҳамон ҷое маънову мазмун медиҳад, ки он зарур аст. Дохил намудани ҷанбаҳои мусбат метавонад боиси афзудани самарбахшии кори дигар созмонҳои ҳукуматие гардад, ки бо ҳисобот шинос шудаанд. Муҳим он аст, ки ҳисобот шомили тамоми иттилоот ва далелҳои зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадаф (ҳадафҳо)-и аудит бошад ва ҳамчунин ба фаҳмиши мутаносиб ва дурусти масъалаҳову шартҳои  огоҳонидашаванда мусоидат намояд. Воқеиятҳо набояд пинҳон ва рӯпӯш карда шаванд, камбудию норасоҳои хурд бошад набояд муболиға ва аз будаш зиёд нишон дода шаванд. Шарҳу тавзеҳот, бахусус аз объекти аудит, ҳамеша бояд дархост карда шавад ва бо назари танқид арзёбӣ гардад.

## » ТАВСИЯҲО

**Талабот тибқи ISSAI 3000:**

Аудитор бояд тавсияҳои созандае диҳад, ки эҳтимолан ба андозаи зиёд барои бартараф кардани камбудиҳо ё масъалаҳои ошкоршуда дар рафти аудит, он ҷое ки бамаврид аст ва бо мандати МОА иҷозат дода шудааст, мусоидат намоянд **(ISSAI 3000/126).**

## РОҲНАМО

125) Тавсияҳо, агар дода шаванд, барои мусоидат ба беҳбуд аз роҳи коҳиш додани хароҷот ва соддагардонии маъмурикунонӣ, боло бурдани сифат ва ҳаҷми хизматрасониҳо ё афзоиши самаранок, таъсиргузорӣ ё фоида барои ҷомеа равона гардидаанд. Аудитор метавонад оид ба ислоҳ намудани камбудию норасоиҳо ва дигар натиҷагириҳои дар рафти аудит ошкоршуда ва ҳамчунин оиди беҳбуди барномаҳо ва амалиётҳо, замоне, ки тавоноию иқтидор ҷиҳати беҳбудӣ бо натиҷаҳою хулосаҳои пешниҳодшуда таъйид мегарданд, тавсияҳо диҳад.

**Блоки 9**

| |
|---|
| Саволҳое, ки ҳангоми таҳияи тавсияҳо бояд ба назар гирифта шаванд: |
| а) Чӣ бояд анҷом дод ва барои чӣ? |

b) Ин дар кучо бояд анчом дода шавад?

c) Кӣ бобати ин масъулият дорад?

d) Оё чораҳои пешниҳодшаванда масъалаҳои мушоҳидашавандаро бартараф хоҳанд кард?

e) Оё чораҳои пешниҳодшаванда метавонанд ягон оқибати манфӣ дошта бошанд?

126) Эҳтимолан, пешкаш намудани далелҳои тарафдор ва мухолифи пешниҳодҳои гуногуни гузинавӣ (алтернативӣ) бамаврид хоҳад буд. Бо пайравӣ аз далелҳои асосӣ хонанда метавонад тавсияҳои ниҳоиро беҳтар бифаҳмаду дарк кунад.

127) Барои он, ки тавсияҳо созанда бошанд маъмулан:

a) барои бартараф кардани сабабҳои камбудиҳо ва масъалаҳои ошкоршуда равона карда хоҳанд шуд;

b) коромад ва созу муносиб буда, арзишро илова хоҳанд кард;

c) хуб асоснок карда хоҳанд шуд ва мантиқан аз натиҷаҳову хулосаҳо бар хоҳанд омад;

d) чунон шарҳу тавзеҳ ва тартиб дода хоҳанд шуд, ки аз такрорҳо ё рӯгардону баракс нишон додани натиҷагириҳои аудит ҷилавгирӣ шавад;

e) аз ҳад зиёд умумӣ ва аз ҳам зиёд муфассал нахоҳанд буд. Тавсияҳое, ки хусусияти умумӣ доранд, маъмулан, хатари онро доранд, ки ҳеҷ гуна арзише илова нахоҳанд кард, дар ҳоле, ки тавсияҳои бениҳоят муфассал озодии объекти аудитро маҳдуд мекунанд;

f) барои амалисозӣ бе захираҳои иловагӣ имконпазир хоҳанд буд;

g) равшану возеҳ амалҳои тавсияшаванда ва шахсеро, ки бобати

ичрои онҳо масъул аст, шарҳу тавзеҳ хоҳанд дод;

h) ба корхонаҳое фиристода хоҳанд шуд, ки барои иҷрои онҳо масъулият ва салоҳият доранд.

128) Тавсияҳои самарбахш такмили амалисозии барномаҳо ва амалиёти давлатиро ташвиқ мекунанд. Тавсияҳо вақте самарбахш хоҳанд буд, ки онҳо ба ҷонибҳое, ки салоҳияти амал карданро доранд, фиристода мешаванд ва замоне, ки амалҳои тавсияшаванда мушаххас, амалӣ, аз лиҳози иқтисод самарбахш ва қобили андозагирӣ ҳастанд.

**Блоки 10**

| |
|---|
| Маслиҳатҳо оид ба тартиб додани тавсияҳо<br><br>a) Дар бораи тавсияҳои эҳтимолӣ дар марҳалаҳои аввали раванди аудит фикр кунед. Аз тимҳо аксаран пешниҳод намудани ҳаҷми тавсияҳои эҳтимолиро дар марҳалаи аввал интизор доранд.<br><br>b) Тавсияҳоро тарзе нависед, ки аудитор арзёбӣ кунад, ки оё онҳо иҷро шуда буданд ё не.<br><br>c) Он ҷое, ки имкон дорад, ҷиҳати ошкор намудани тағйироти зарурӣ ва роҳҳои амалисозии онҳо бо объекти аудит кор кунед. |

## » ҲАМКОРӢ БО ОБЪЕКТИ АУДИТ

**Талаботҳо тибқи ISSAI 3000:**
Аудитор бояд ба объекти аудит имкон диҳад, ки натиҷаҳои аудит, хулосаҳо ва тавсияҳоро то замоне, ки МОА ҳисоботи аудитории худро нашр мекунад, тафсир кунад (ISSAI 3000/129).
Аудитор санҷиши қайду мулоҳизаҳои объекти аудит, аз он ҷумла сабабҳои ворид намудани тағйирот дар ҳисоботи аудиторӣ ё инҳироф, яъне дур шудани тафсирҳои дарёфтшударо дар ҳуҷҷатҳои корӣ менависад (ISSAI 3000/130).

## РОҲНАМО

129) Ба объекти аудит додани имконот барои изҳор доштани қайду мулоҳизаҳои худ оид ба натиҷаҳои аудит, натиҷагириҳо ва

тавсияҳо то интишори ҳисобот кумак мекунад, ки асоси воқеии тавсифҳо дар ҳисобот дақиқу одилона бошад ва таҳлил ҳамаҷониба бошад ва сабабҳои масъалаҳои ошкоршударо ба назар гирад. Тамоми ин масъалаҳо бояд ба мақомоти аудит, ки аудит ба онҳо дахл дорад, хабар дода шаванд.

130) Ба объектҳои аудит пешниҳод намудани лоиҳаи ҳисобот бо натиҷагириҳо ҷиҳати анҷом додани баррасӣ ва тафсирҳо тавассути онҳо ба аудитор дар таҳия намудани ҳисоботи одилона, пурра ва воқеӣ кумак мекунад. Дохил намудани фикру андешаҳои объектҳои аудит боиси тартиб додани ҳисоботе мегардад, ки дар он на танҳо натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои аудитор, балки дурнамоҳо ҳам пешниҳод гардидаанд. Ин маврид бахусус дар он ҳолатҳое муҳим аст, ки оиди воқеиятҳои мавҷудаи дар ҳисобот қайдшуда ихтилофи назар вуҷуд дорад ва ё мухолифати ақидаҳо оиди нақшаи лозимаи амалҳо барои беҳбуди вазъият ҷой дорад. Беҳтар аст, ки тафсирҳо ба шакли хаттӣ дарёфт гарданд.

131) Маъмулан МОА миқдори вақтеро, ки ба объекти аудит барои пешниҳод намудани фикру мулоҳизаҳо дода мешавад, муайян мекунад, вале бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин вақт ба қадри кифоякунанда бошад.

***Кор бо қайду мулоҳизаҳои дарёфтгардида***

132) Тамоми қайду мулоҳизаҳои дарёфтгардида бояд ба таври дақиқ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар он ҳолатҳое, ки посухҳо шомили иттилооти нав ҳастанд, аудитор бояд онро арзёбӣ кунад ва барои ворид намудани тағйирот дар лоиҳаи ҳисобот омода бошад. Тамоми ихтилофот бояд мавриди таҳлил қарор гирад, то ки ҳисоботи ниҳоӣ мутаносиб ва беғаразу холисона бошад.

133) Агар қайду мулоҳизаҳои объектҳои аудит барои баррасии натиҷаҳо кифоякунанда набошанд, бо натиҷаҳо, хулосаҳо ё тавсияҳои зикршуда дар лоиҳаи ҳисобот мутобиқат надошта бошанд ё хилофи онҳо бошанд, ба аудитор тавсия мешавад, ки ҳақиқӣ будани ин қайду мулоҳизаҳоро арзёбӣ намояд. Агар аудитор бо қайду мулоҳизаҳои муҳим розӣ набошад, амалияи маъмулӣ ин аст, ки сабабҳои норизоӣ дар ҳуҷҷати корӣ шарҳу тавзеҳ дода шавад. Ва баракс, агар қайду мулоҳизаҳо воқеӣ

бошанд ва бо далелҳои кифоякунандаю лозима таъйид гарданд, ба аудитор тавсия мешавад, ки тағйироти зарурӣ ба ҳисобот ворид карда шавад.

134) Посухҳо бояд ҳуҷҷатнок карда шаванд. Навиштани натиҷаҳои баррасӣ гардидани фикру мулоҳизаҳо дар ҳуҷҷати корӣ бо мақсади дар асоси ҳуҷҷат қайд намудани ҳама гуна тағйирот ё сабабҳое, ки ба хотири онҳо ин тағйирот ворид нагардиданд, муфиду судманд хоҳад буд.

135) Дар охири ин раванд тавсия мешавад, ки ба объектҳои аудит дар бораи тартибу қоидаҳо ва муҳлатҳои интишори ҳисоботи ниҳоӣ иттилоот дода шавад.

***Супурдани лоиҳаи ҳисобот ба шахсони сеюм***

136) Барои таъмин намудани он, ки хулосаи аудиторӣ одилона ва мутаносиб бошад, тавсия мешавад, ки лоиҳаи аудит барои дарёфти қайду мулоҳизаҳо ба ҷонибҳои сеюм, ки аудит ба онҳо дахл дорад ва ҳамчунин ба объекти аудит фиристода шавад. Шахсони сеюм тамоми ашхосе мебошанд, ки ҳисобот ба онҳо дахл дорад, аз он ҷумла ҳамаи шахсон ва созмонҳои дар ҳисобот зикршуда. Амалияи маъмулӣ ин аст, ки барои ҷонибҳои сеюм имкони тафсир кардани он мавридҳое, ки дар бораи онҳо гуфта мешавад ва ҳамчунин амалҳо ё фикру андешаҳои онҳо дода шавад. Дар ҳоле, ки ба ҷонибҳои сеюм метавонад тамоми лоиҳа барои тафсир пешниҳод гардад, аудитор бояд тасмим гирад, ки ҳиссаи ҷонибҳои сеюм дар мавзӯи баррасишаванда то чӣ андоза бузург аст. Дар баъзе мавридҳо аудитор метавонад оиди ба ҷонибҳои сеюм фиристодани тамоми ҳисобот ё фаслҳои асосии он тасмим гирад, вале аксаран мувофиқи мақсад ин аст, ки ба онҳо фақат иқтибосҳои ҳисобот ирсол гардад.

## » ПАҲНКУНИИ ҲИСОБОТ

**Талабот тибқи ISSAI 3000:**

МОА дастрасии васеъро ба ҳисоботҳои аудитории худ бо

дарназардошти муқаррарот оид ба иттилооти махфӣ таъмин менамояд ***(ISSAI 3000/133).***

**РОҲНАМО**

Паҳнкунии ҳисоботҳо байни ҷонибҳои масъул, ҷонибҳои манфиатдор ва аҳли ҷомеа

137)МОА тавсия медиҳад, ки оид ба равиши паҳнкунии ҳисобот дар асоси мандатҳои дахлдори онҳо тасмим гирифта шавад. Ҳар як аудити самаранок маъмулан дар ҳисоботи алоҳида ё ба таври чопӣ ва ё дар интернет ё дар ҳар ду формат нашр карда мешавад. Ин ҳисоботҳо бояд байни мақомоти қонунгузор ва ҷонибҳои масъул паҳн карда шаванд. Амалияи мақбули умум фароҳам овардани дастрасӣ ба ҳисоботҳо ба аҳли ҷомеа ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бевосита ё тавассути васоити ахбори омма мебошад, агар ин бо қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрӣ манъ карда нашуда бошад. Афзал дониста мешавад, ки ҳисоботҳо барои муҳокимаи оммавӣ ва интиқод қобили дастрасӣ бошанд.

138)Агар иттилооти муайяни дахлдор барои ошкор кардани оммавӣ манъ карда шуда бошад ё аз ҳисобот ба сабаби назокат ё хусусияти махфӣ доштани иттилоот хориҷ карда шуда бошад, аудитор бояд дар ҳисобот қайд кунад, ки иттилооти муайян хориҷ карда шудааст ва сабаби онро низ бояд ишора намояд. Иттилооти муайян метавонад бо қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрӣ махфӣ карда шавад ё ба тарзи дигаре барои ошкор намудани оммавӣ манъ карда шавад. Дар ин гуна ҳолатҳо аудитор метавонад ҳисоботи алоҳидаи махфишуда ё барои истифода маҳдудро, ки дорои чунин иттилоот мебошад, нашр кунад ва онро фақат ба шахсоне супорад, ки бо қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрӣ барои дарёфти он ваколатдор карда шудаанд.

139)Ҳолатҳои иловагии вобаста ба амнияти ҷомеа, дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ ё омилҳои амниятӣ ҳамчунин метавонанд барои хориҷ намудани иттилооти муайян аз ҳисоботи дастраси умум ё ҳисоботи ба таври васеъ паҳн мегардида асос бошад. Масалан, иттилоти муфассали марбут ба амнияти компютерӣ метавонад аз ҳисоботҳои дастраси умум ба хотири зарари эҳтимолие, ки метавонад ба сабаби истифодаи нодурусти ин иттилоот расонида шавад, хориҷ карда шавад. Дар ин гуна ҳолатҳо аудитор метавонад маълумотҳоро беном гардонад ё ҳисоботи барои истифода маҳдудро, ки дорои чунин иттилоот аст, нашр кунад ва онро

байни танҳо он ҷонибҳое, ки бобати иҷрои тавсияҳои аудитор масъул ҳастанд, паҳн кунад.

***Натиҷаҳо метавонанд бо роҳҳои гуногун пешниҳод карда шаванд***

140) Ба аудитор тавсия мешавад, ки аз шакли хулосаи аудиторӣ, ки барои истифодабарандагони эҳтимолӣ мувофиқ аст, ба шакли чопӣ ё дигар шакли баровардашуда истифода намояд. Масалан, аудитор метавонад ҳисоботҳои аудиториро дар ҳомилҳои электронӣ, ки барои ҳамаи истифодабарандагони эҳтимолӣ дастрас ҳастанд, пешниҳод намояд. Илова бар он, амалияи маъмулӣ ин нашр кардани хулосаи ҳисобот дар веб-сомонаи МОА мебошад.

141) Илова бар ҳисоботи чопкардашуда (дар қоғаз ё дар интернет) аудитор метавонад имкони сохтани маҳсулҳои иловагиро барои ба таври васеътар паҳн кардани натиҷаҳо, ки дар ҳисоботи асосӣ оварда шудаанд, баррасӣ намояд:

a) Тавсия мешавад, ки ба васоити ахбори омма иттилооти мутобиқ ва мутаносиби хуб, масалан, ба шакли эъломияи матбуотӣ (пресс-релиз) пешниҳод карда шавад. Ин метавонад хавфи нофаҳмиҳо ё муболиғаву аз ҳад зиёд нишон додани натиҷаҳои ВАО-ро коҳиш диҳад.

b) Иттилоияи нишондиҳандаҳои назорати ҳисоботро, ки муҳимтарин натиҷаҳоро дар бар мегирад, метавон барои аҳли васеи ҷомеа дар веб-сомонаи МОА пешниҳод намуд.

c) Ҳисоботҳои алоҳида оид ба робитаи баргашт метавонанд барои пурсиши посухдиҳандагон нашр карда шаванд, то ки нишон дода шавад, ки онҳо чӣ гуна дар муқоиса бо маълумотҳои аввалияи бахш кор мекунанд ва зимнан таҷрибаи пешқадам паҳн карда шавад.

d) Таҳлили муфассали маълумотҳо метавонад ба шакли замимаҳои техникӣ дар веб-сомона нашр карда шавад.

e) Дигар ҳисоботҳои мушовирон ё олимон дар заминаи ҳамон як мавзӯъ метавонанд ба таври пурра дар Интернет ҷой дода шаванд, то ки иттилоияе, ки дар ҳисоботи асосӣ пешниҳод шудааст, тақвият дода шавад. Аммо комилан бамаврид аст, ки ин танҳо дар ҳолатҳое рӯй диҳад, ки чунин ҳисобида шавад, ки ҳисоботҳои мазкур арзиши муҳиммеро илова мекунанд ва бо натиҷаҳову натиҷагириҳои хулосаи аудиторӣ мухолифат намекунанд.

142) Талаботҳои истифодабарандагон ба шакли маҳсулот, ки метавонанд иттилоияҳо, эъломияҳои матбуотӣ ва дигар маводи муаррификунандаро дар бар гиранд, таъсир хоҳанд гузошт. Ҳар як маҳсул бояд дар сабку услуби мутобиқшуда бо доираи муайяни хонандагон навишта шавад, то ки ба ҳадди аксар таъсиргузор бошад. Омодасозии нақшаи иртиботӣ метавонад муносибати сохторсозишуда ба мулоҳиза оиди онро, ки чӣ гуна доираи гуногуни хонандагон фаро гирифта шаванд ва саҳми саривақтӣ ба раванди тасмимгирӣ гузошта шавад, таъмин менамояд (ниг. "Банақшагирӣ" дар ҳамин GUID).

143) Новобаста ба он, ки чӣ гуна воситаҳо барои паҳн кардани иттилоот дар ҳисобот истифода мешаванд, аудитор бояд боварӣ пайдо кунад, ки ин хабарҳо дар ҳамаи мавридҳо мураттаб ва мантиқӣ ҳастанд. Аудитор ҳамчунин бояд масъалаи онро, ки оё маҳсулот таҳти назорати кифоякунандаи сифат қарор гирифта буд ё не, мавриди баррасӣ қарор диҳад.

144) Илова бар маводи хаттӣ аудитор метавонад як қатор воситаҳоро барои тақвият додани таъсири аудитҳо истифода намуда, ба созмонҳо ҷиҳати беҳтар намудани кори худ кумак кунад ва дар тамоми бахши давлатӣ таҷрибаи пешқадам ва дарсҳои омӯхтаро паҳн кунад. Барои ин кор аудитор метавонад аз равишҳои гуногун истифода намояд, ба монанди семинарҳо бо объекти аудит, то ки барои ташвиқ ва татбиқ намудани тағйироти муфид кумак карда шавад. Баргузор намудани конференсияҳо - ин боз як равиши самарбахш барои ҷалб намудани кордидагону аҳли амал ва мусоидат ба муҳокимаи масъалаҳои муҳим мебошад.

# 5

# АМАЛИСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МИНБАЪДА




145) **Нашр намудани ҳисобот ин ба охир расидани раванди аудит нест. Ғайр аз интишор фаъолияти минбаъда оид ба арзёбии он вуҷуд дорад. Ҳадафи ҳисоботҳои аудиторӣ таъсир гузоштан ба ин маврид аст, ки хизматрасониҳо чӣ гуна таҳия мешаванд ва ба шаҳрвандон пешниҳод мегарданд ва ҳамчунин додани тавсияҳое аст, ки барои беҳбуди сарфанокӣ, самаранок ва натиҷагириҳои ин хизматрасониҳо мусоидат мекунанд. Дар ин фасл талаботҳо ба фаъолияти минбаъда ҷой дода шуда, оиди он, ки фаъолияти минбаъда дар заминаи ҳисоботҳо оид ба аудити самаранок чӣ гуна бояд анҷом гирад, тавсияҳо дода мешаванд.**

**Талаботҳо тибқи ISSAI 3000:**

Аудитор бояд ба қадри зарурат фаъолияти минбаъдаро пас аз натиҷаҳои аудитории пешина ва тавсияҳо анҷом диҳад, МОА бошад бояд дар назди мақомоти қонунгузор, агар ин имкон дошта бошад, дар бораи натиҷагириҳо

ва оқибатҳои тамоми амалҳои дахлдори ислоҳкунанда ҳисобот диҳад ***(ISSAI 3000/136).***

Аудитор бояд амалҳои минбаъдаи худро ба он тамаркуз диҳад, ки объекти аудит бо гузаштани давраи оқилонаи вақт то чӣ андоза мутаносиб масъалаҳои пайдошударо ҳаллу фасл намуд ва вазъиятеро, ки асоси онҳоро ташкил медиҳад, ислоҳ намуд ***(ISSAI 3000/139).***

## РОҲНАМО

***Фаъолияти минбаъда ба чӣ бояд сабаб анҷом гирад***

146) Фаъолияти минбаъда оид ба натиҷаҳои ҳисоботи аудиторӣ воситаи муҳим барои тақвият додани таъсири аудит ва беҳбуди кори ояндаи марбут ба аудит аст, бинобар ин қисмати пурарзиши раванди аудит мебошад. Раванди анҷомдиҳии фаъолияти минбаъда ба амалисозии самарбахши натиҷаҳо ва тавсияҳои аудит мусоидат хоҳад кард. Вай ҳамчунин робитаи баргашт бо МОА, мақомоти қонунгузор ва ҳукуматро оид ба масъалаҳои фаъолияти аудити самаранок ва беҳбудҳо, ки тавассути объекти аудит ворид карда шудаанд, таъмин менамояд.

147) Фаъолияти минбаъда дар заминаи натиҷаҳо ва тавсияҳои аудит метавонад барои чаҳор ҳадафи асосӣ ба кор бурда шавад:

a) муайян карда шавад, объектҳои аудит дар посух ба натиҷаҳо ва тавсияҳои аудит ки то чӣ андоза тағйирот анҷом доданд

b) муайян кардани оқибатҳое, ки метавонанд ба аудит нисбат дода шаванд

c) муайян кардани соҳаҳое, ки барои фаъолияти минбаъда дар рафти кори оянда муфиду судманд хоҳанд буд

d) арзёбӣ намудани самарбахшии кори МОА. Фаъолияти минбаъда барои арзёбии самарбахшии МОА асосро таъмин намуда, метавонад барои боло бурдани сатҳи дониш ва такмили амалия дар МОА мусоидат намояд. Дар ин робита санҷиши минбаъдаи ҳисоботҳои аудиторӣ ҳамчунин воситаи хударзёбӣ ва худбаҳодиҳӣ мебошад.

*Самтҳои асосии фаъолияти минбаъда*

148) Фаъолияти минбаъда, маъмулан, вақт ба вақт дар фосилаҳои муайяни замонӣ, ҳамон тавре, ки дар МОА мувофиқи мақсад аст, анҷом мегирад. Афзалияти фаъолияти минбаъда одатан ҳамчун қисмати стратегияи умумии аудити МОА арзёбӣ мегардад. Лозим аст, ки ба объекти аудит барои амалисозии амалҳои дахлдор вақти кофӣ дода шавад.

149) Ҳангоми амалисозии фаъолияти минбаъда дар заминаҳои натиҷаҳои ҳисоботҳои аудиторӣ ҳадаф аз он иборат аст, ки муайян карда шавад, ки оё чораву тадбирҳо оид ба натиҷаҳои хулосаҳо ва тавсияҳо, ки имкон медиҳанд шароити асосӣ ислоҳ карда шавад, анҷом гирифтаанд ё не. Ин чунин маъно дорад, ки аудитор бояд аксуламали ҳам мусбат ва ҳам манфии нисбати аудит ва хулосаи аудиториро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Бинобар ин муҳим он аст, ки равиши холисонаву беғараз риоят карда шавад.

150) Таъсири аудит метавонад ба воситаи таъсири амалҳои ислоҳкунанда, ки тавассути ҷонибҳои масъул анҷом гирифтааст ё ба воситаи таъсири натиҷаҳо ва хулосаи аудит ба идоракунӣ, ҳисоботдиҳӣ, фаҳмиши масъалаи баррасишаванда ё ба воситаи муносибат ба он муайян карда шавад.

151) Ҳангоми амалисозии фаъолияти минбаъда оид ба натиҷаҳои хулосаи аудиторӣ аудитор бояд таваҷҷуҳи худро рӯи натиҷаҳо ва тавсияҳое, ки дар лаҳзаи амалисозии фаъолияти минбаъда ҳоло ҳам рӯзмарраву муҳиманд, тамаркуз диҳад. Амалҳои нокифоя ё ғайриқаноатбахши объекти аудит метавонанд гузаронидани аудити иловагиро аз ҷониби МОА талаб кунанд.

***Фаъолияти минбаъда чӣ гуна бояд амалисозӣ шавад***

152) Барои амалисозии фаъолияти минбаъда оид ба натиҷаҳо ва тавсияҳои дарёфтшуда метавонанд равишҳои гуногун мавриди истифода қарор гиранд.

a) Бо гузаштани замони муайян бо ҷонибҳои масъул мулоқот ташкил карда шавад, то ки маълум гардад, ки барои боло бурдани самарбахшии кор чӣ гуна чораву тадбирҳо анҷом гирифтаанд ва санҷида шавад, ки кадоме аз тавсияҳо иҷро гардидаанд.

b) Аз ҷонибҳои масъул хоҳиш карда шавад, ки ба шакли хаттӣ ба МОА оиди чораву тадбирҳои тавассути онҳо анҷомгирифта ҷиҳати

бартараф намудани масъалаҳои қайдшуда дар ҳисоботи аудиторӣ иттилоъ дода шавад.

c) Барои ҷамъоварии иттилоот оиди амалҳои анҷомшуда тавассути объекти аудит зангҳои телефонӣ ва боздидҳои маҳдудшуда мавриди истифода қарор гирад.

d) Огоҳ будан аз аксуламалҳои ҷонибҳои масъул, мақомоти қонунгузор ва васоити ахбори омма ва таҳлил кардани он, ки оё масъалаҳои ошкоршуда ба таври муносиб ҳаллу фасл гардидаанд ё не.

e) Дархост намудани аудити молиявӣ барои ҷамъоварии иттилоот дар бораи амалҳое, ки дар чаҳорчӯби тартибу қоидаҳои аудитории онҳо анҷом гирифтааст.

f) Гузаронидани аудити баъдӣ, ки дар натиҷаи он ҳисоботи нав оид ба аудити самаранок таҳия карда хоҳад шуд.

153) Равишҳои татбиқшаванда ба афзалиятҳое, ки аз ҷониби МОА дар раванди банақшагирии стратегӣ ва ҳарсолаи аудити самаранок муқаррар гардидаанд, вобаста хоҳанд буд. Онҳо ҳамчунин ба муҳим будани масъалаҳои ошкоршуда, чораву тадбирҳои интизорӣ оид ба амалисозии онҳо ва таваҷҷуҳи берунӣ ба иттилоот оид ба чораву тадбирҳои анҷомгирифта вобаста ҳастанд.

***Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти минбаъда чӣ гуна бояд хабар дод***

154) Новобаста ба он, ки кадом равиш истифода мешавад, натиҷаҳои фаъолияти минбаъда бояд ба таври муносиб пешниҳод карда шаванд, то ки робитаи баргашт бо мақомоти қонунгузор таъмин гардад. Амалияи маъмулӣ ин аст, ки ҷонибҳои масъул ё мақомоти қонунгузор дар бораи камбудиҳо ва беҳбудиҳое, ки дар рафти аудити баъдӣ ошкор шудаанд, хабардор карда мешаванд.

155) Фаъолияти минбаъда метавонад ба тартиби инфиродӣ ё ба шакли ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод карда шавад. Агар якчанд чораҳои минбаъда якҷоя пешниҳод мегардида бошанд, онҳо метавонанд таҳлили аудитҳои гуногунро, эҳтимолан, бо ҷудо намудани тамоюлҳои умумӣ ва мавзӯъҳо дар як қатор соҳаҳои ҳисобот дар бар гиранд. Дар ҳар ҳол, ҳисоботҳои баъдӣ бояд мутаносиб бошанд ва натиҷаҳо ба таври воқеӣ ва одилона

пешниҳод карда шаванд.